Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №70-71 (2897-2898) | ҶУМЪА, 8 ИЮНИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## Идомаи сафари давлатии Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Мардумии Чин



**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 4 июни соли 2012 барои идомаи сафари давлатӣ ва иштирок дар ҳамоиши навбатии сарони давлатҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай аз шаҳри Сямэн ба пойтахти Ҷумҳурии Мардумии Чин шаҳри Пекин омад.**

Нимаи дуюми ҳамон рӯз Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси Шӯрои директорони Ширкати миллии нафту гази Чин (China National Petroleum Corporation-CNPC) Ҷян Ҷемин мулоқот намуд.

Дар мулоқот масоили ташкил ва густариши ҳамкорӣ доир ба корҳои геологӣ-иктишофии захираҳои нафту гази Тоҷикистон баррасӣ шуд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон оид ба ин масъала чунин изҳор дошт: «Тоҷикистон ба ҳамкории мутақобилан судманд бо Ширкати миллии нафту гази Чин ҳавасманд мебошад ва барои ин омода аст тамоми шароити заруриро муҳайё созад».

Раиси Шӯрои директорони Ширкати миллии нафту гази Ҷумҳурии Мардумии Чин Ҷян Ҷемин ҳам ба ташкили ҳамкории судбахш изҳори ҳавасмандӣ намуд. Ӯ, аз ҷумла изҳор дошт: «Ширкати миллии нафту гази Чин бо 61 кишвари ҷаҳон ҳамкорӣ дорад ва Тоҷикистон 61-ум хоҳад буд».

Тавре зикр гардид, ин ширкат аз рӯйи ҳаҷми истеҳсол, коркард ва содироти нафту газ дар ҷаҳон дар ҷойи аввал қарор дорад.

Дар охири мулоқот миёни Вазорати энергетика ва саноати Тоҷикистон ва Ширкати миллии нафту гази Чин (CNPC) Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ ба имзо расид.

***

**Субҳи рӯзи 5 июни соли 2012 дар доираи сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Мардумии Чин мулоқотҳои дуҷонибаи сатҳи олии миёни роҳбарияти ду кишвар оғоз ёфт.**

Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро дар Қасри Маҷлиси намояндагони мардумӣ Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Ху Ҷинтао пешвоз гирифта, ба макони баргузории маросими расмии истиқбол даъват намуд.

Маросими истиқболи расмӣ бо шиносоии сарони давлатҳо бо ҳайатҳои расмии ду ҷониб оғоз ёфта, бо сафороии ҷузъу томҳои Горди фахрӣ, садо додани Сурудҳои миллии Тоҷикистону Чин, гузаштан аз назди қатори афсарону сарбозон ва арзи эҳтиром ба Парчами давлатии Ҷумҳурии Мардумии Чин идома ёфт.



Масоили ҳамкории ду кишвар дар музокироти сатҳи олии сиёсӣ бо иштироки ҳайатҳои расмии ду ҷониб баррасӣ шуд.

«Муносибот бо Ҷумҳурии Мардумии Чин дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон мақоми афзалиятнок дорад», - изҳор дошт Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва афзуд: -«давлатҳои мо тайи 20 соли робитаҳои дипломатӣ ба ҳамсояҳои наку, дӯстони содиқ ва шарикони боэътимод табдил ёфтаанд».

«Тоҷикистон чун ҳамеша дар масоили ягонагию якпорчагии Чин мавқеи устувору бетағйир дорад», - таъкид дошт Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон.

Ху Ҷинтао дар навбати худ ба Эмомалӣ Раҳмон чунин гуфт: - «Ман ба мавқеи устувору қотеонаи шумо дар мубориза бо хатарҳои сегонаи ҷаҳони муосир қоилам. Нақши шахсии шумо дар таъмини амнияти минтақавӣ басо намоён аст ва мо аз ин қадрдонӣ мекунем».

Зимни баррасии масоили ҳамкории иқтисодию тиҷоратӣ ва сармоягузории ду кишвар, аз ҷумла таъкид гардид, ки густариши равобит дар соҳаҳои энергетика, саноати кӯҳӣ, нақлиёту коммуникатсия ва кишоварзӣ аз бахшҳои муҳим дар ин самт мебошад.

Ҳар ду ҷониб ба бунёди нерӯгоҳҳои барқию хатҳои интиқоли нерӯи барқ, марказҳои барқу гармидиҳӣ, сохтмон ва навсозии роҳҳои оҳану мошингард, оғози корҳои геологӣ-иктишофии захираҳои нафту газ дар Тоҷикистон ва густариши робитаҳои минтақавӣ ҳавасмандии худро таъкид намуданд.

Аз рушди бонизом ва натиҷаҳои ҳамгироӣ миёни сохторҳои дифоӣ ва амнияти Тоҷикистону Чин изҳори қаноатмандӣ карда, ба густариши робитаҳои дуҷонибаи онҳо ва дар чаҳорчӯби Созмони Ҳамкории Шанхай ҳавасмандӣ зоҳир намуданд.

Баъди анҷоми мулоқоту музокироти расмӣ бо иштирок ва дар ҳузури сарони Тоҷикистону Чин ду санад ба имзо расид:

- Эъломияи муштараки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин;
- Созишнома миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба ҳамкории техникию иқтисодӣ.

Тавре иттилоъ дода шуд, тибқи Созишномаи миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба ҳамкории техникию иқтисодӣ ба Тоҷикистон барои дастгирии рушди иҷтимоию иқтисодӣ 150 миллион юан кӯмаки бебозгашт ё грант ҷудо карда мешавад.

***

**5 июни соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Пекин бо Президенти Бонки содироту воридот «Эксимбонк»-и Чин Ли Жогу мулоқот намуд.**

Зимни сӯҳбати самимӣ, аз ҷумла нақши намоёни бонк дар ҳамкории иқтисодию сармоягузории Тоҷикистону Чин таъкид гардид, зеро аз ҷониби он барои татбиқи лоиҳаҳои калонҳаҷми инфрасохторӣ дар соҳаҳои нақлиёт, энергетика, саноат ва ғайра беш аз 900 миллион доллари амрикоӣ қарзҳои имтиёзноки дарозмуддат ҷудо шудааст.

Бо ишора ба мувофиқаҳои нави дар сатҳи роҳбарияти олии ду кишвар ҳосилшуда, таъкид гардид, ки «Эксимбонк»-и Чин минбаъд низ чунин лоиҳаҳоро дар Тоҷикистон сармоягузорӣ карда, дар таҳким ва густариши робитаҳои дӯстона ва ҳамкории судманди ду кишвари ҳамсоя нақши намоёни худро идома медиҳад.

Дар охири мулоқот миёни Ҳукумати Тоҷикистон ва «Эксимбонк»-и Чин Созишномаи қарзи имтиёзнок оид ба лоиҳаи таҷдиди қисмати сеюми марҳилаи аввали роҳи автомобилгарди Душанбе-Кӯлоб-Хоруғ-Кулма ба имзо расид.

Мутобиқи ин созишнома ба маблағи 50,54 миллион доллари амрикоӣ қарзи дарозмуддати имтиёзӣ ҷудо мегардад.

***

**5 июни соли ҷорӣ дар шаҳри Пекин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбарони як қатор ширкатҳои бонуфузи Ҷумҳурии Мардумии Чин мулоқотҳои судбахш анҷом дод.**

Дар мулоқот бо раиси Шӯрои директорони ширкати «Тебиан электрик аппаратус» (ТВЭА) Чжан Син масоили бунёд ва таҷдиди як зумра иншооти энергетикӣ дар Тоҷикистон баррасӣ шуд.

Таваҷҷуҳи зиёд ба сохтмони хати 500 киловолтаи интиқоли неруи барқи Оби гарм – Душанбе ва Маркази барқу гармидиҳии Душанбе-2 зоҳир гардид.

Таъкид гардид, ки лоиҳаи сохтмони хати 500 киловолтаи интиқоли неруи барқи Оби гарм – Душанбе баъди омӯзиши дақиқи комиссияи ҳукуматии Тоҷикистон барои маблағгузорӣ ва оғози татбиқ пешниҳод карда мешавад.

Сохтмони Маркази барқу гармидиҳии Душанбе-2 тибқи тавофуқоти дар сатҳи олии сиёсӣ ҳосилшуда, бояд тезонида, дар зарфи як соли оянда ба поён расонида шавад.

Зимни сӯҳбат бо раиси Шӯрои директорони ширкати «Жонгсинг Телекоммуникэйшн Эквипмент» (ZTE) масоили ҳамкорӣ дар соҳаи алоқа ва телерадиокоммуникатсия баррасӣ шуд.

Таъкид гардид, ки чунин ҳамкорӣ барои ҳамқадами рушди техникаю технологияи пешқадами ҷаҳонӣ будан ва амалӣ намудани ҳукумати электронӣ дар Тоҷикистон басо муҳим аст.

Дар вохӯрӣ бо раиси ширкати «Ҳенан Ҷинҷиан Силверсид» Ли Чао масоили ҳамкорӣ дар бахши зироаткорӣ баррасӣ шуд.

Тавре зикр гардид, ҳоло ин ширкат дар ноҳияҳои Ёвон ва Ҷалолиддини Румии вилояти Хатлон дар 600 гектар замини корами обӣ пахта ва сабзавоту полезӣ кишт намуда, истифодаи технологияҳои пешқадами каммасраф ва серҳосили кишоварзиро ба роҳ мемонад.

Дар заминҳои кишти ин ширкат беш аз 40 нафар мутахассисони кишоварзӣ ва деҳқонони Тоҷикистон машғули кор ва омӯзиши таҷрибаи ғании ҳамкасбони чинии худ мебошанд.

Дар мулоқот бо директори генералии ширкати сохтмони роҳу пулҳои Чин «Чайна Роуд энд Бриҷ Корпорэйшн» Вэн Ган масоили вобаста ба татбиқи босамари лоиҳаҳои роҳсозӣ дар Тоҷикистон баррасӣ шуд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба фаъолияти ин ширкат доир ба сохтмон ва навсозии роҳҳои мошингарди Тоҷикистон, ба мисли Душанбе-Хуҷанд-Чанок бо нақби Шаҳристон, қисмати Душанбе-Данғараи шоҳроҳи Душанбе-Кӯлоб-Хоруғ-Кулма- Қароқурум бо нақби Чормағзак баҳои баланд дода, изҳори боварӣ намуд, ки шоҳроҳи Душанбе-Турсунзода низ бо сифат ва суръати баланд дар мӯҳлати муайяншуда навсозӣ мешавад.

Гуфтугӯйи судманд ҳамчунин доир ба дигар самтҳои ҳамкорӣ сурат гирифт.

(Идома дар саҳ. 2)

---

● Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум



## Қонунҳои нав барои рушд замина мегузоранд

**6 июни соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷаласаи навбатии Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум баргузор гардид.**

Оид ба рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шуд:

**1. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи криптография»**

**2. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ»**

**3. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маводи доруворӣ ва фаъолияти фармасевтӣ»**

**4. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия»**

**5. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**6. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**7. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи захираи моддии давлатӣ»**

**8. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон».**

**РАИС:** - Ба муҳокимаи масъалаҳои рӯзнома оғоз мекунем. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи криптография» сухан ба муовини раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон Паноев Сӯҳроб Музаффарович дода мешавад.

**Сӯҳроб ПАНОЕВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ!**

Дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 52 аз 28 феврали соли 2011 лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи криптография» аз ҷониби Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод шудааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо вазоратҳои адлия, молия, рушди иқтисод ва савдо, Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Саридораи ҳифзи сирри давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа шудааст.

Мақсад аз таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи криптография» ба танзим даровардани муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи ташкил ва истифодаи воситаҳои криптографӣ ҳангоми додугирифт ва нигоҳдории иттилоот тавассути шабакаҳои иттилоотии автоматикунонидашудаю телекоммуникатсионӣ ва воситаҳои барномавӣ-техникӣ дар арсаи стандартҳои байналмилалӣ буда, инчунин мутобиқ намудани қонунгузорӣ ба талабот барои ворид шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ба ҳисоб меравад.

Лоиҳаи қонуни пешниҳодшуда дар асоси қонунҳои амалкунандаи давлатҳои дигар ва бо назардошти бандҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи имзои электронии рақамӣ» таҳия шуда, 10 моддаро дар бар мегирад.

Қонуни номбурда масъалаҳоро вобаста ба мафҳумҳои асосӣ, ба монанди «воситаҳои криптографӣ», «ҳуҷҷатҳои калидӣ», «воситаҳои калидӣ ва рамзӣ», фаъолияи криптографӣ вобаста ба иҷозатномадиҳӣ дар соҳаи криптография, сертификатсиякунонии воситаҳои криптографӣ, воситаҳои асосии криптографӣ, ҷавобгарӣ барои вайрон кардан ва тартиби мавриди амал қарор додани қонуни мазкур пешбинӣ мекунад.



Вакилони гиромӣ, дар асоси гуфтаҳои боло ва бо мақсади таъмини назорати давлатӣ дар соҳаи коркард, истеҳсол, истифодабарии воситаҳои криптографӣ, инчунин барои фароҳам овардани шароити ҳуқуқии мусоид оид ба шомил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, хоҳиш менамоем, ки қабули лоиҳаи қонуни пешниҳодгардидаро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Оид ба масъалаи мазкур сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмиллалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Кабиров Муҳиддин Тиллоевич дода мешавад.

**Муҳиддин КАБИРОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи криптография» аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод ва бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 майи соли 2012 барои хулоса



ба кумитаҳо ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон фиристода шуд. Ҳамаи кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон лоиҳаи қонуни мазкурро дар маҷмӯъ ҷонибдорӣ, ҳамзамон 17 таклиф пешниҳод намуданд. Лоиҳаи қонун ва таклифҳои пешниҳодшуда дар ҷаласаи васеи Кумитаи масъул бо ширкати намояндагони кумитаҳо ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон баррасӣ гардид. Аз 17 пешниҳод 6-тоаш қабул, 2-то қисман қабул шуда, 9 пешниҳод қабул нагардид.

Лоиҳаи пешниҳодшуда дар ду самт дорои аҳамияти хос мебошад. Якум, дар самти таҳкими амнияти давлатӣ ва суботи ҷомеа, инчунин мубориза алайҳи ҷинояткорӣ бо истифода аз василаҳои пешрафтаи технологӣ. Дуввум, қабули ин қонун қонунгузории моро ба меъёрҳои байналмилалӣ бештар наздик менамояд, ки ин дар арафаи гуфтушунидҳо барои ворид шудани кишвари мо ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо хеле муҳим мебошад, зеро моддаи 2-юми лоиҳаи қонуни мазкур доираи амали ин қонунро нисбати кортҳои хусусии бонкӣ, радиотелефонҳои портативӣ ва мобилӣ, дастгоҳҳои қабулкунанда ва фиристандаи радиоӣ ва телевизионӣ, инчунин дастгоҳҳои банкоматӣ маҳдуд менамояд. Ин ҳама барои ҳифзи сирри бонкӣ, тиҷоратӣ ва дахлнопазирии ҳаёти шахсии шаҳрвандон равона гардида, аз талаботи усулии санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва қонунгузории кишвар мебошад.

Бо назардошти ин гуфтаҳо, аз шумо хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қонун модда ба модда ва боб ба боб ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста ба қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ» сухан ба вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Шариф Раҳимзода дода мешавад.

**Шариф РАҲИМЗОДА: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ!**

Ҳоло Тоҷикистон дар марҳилаи муҳими раванди дохилшавӣ ба созмонҳои умумиҷаҳонӣ ва созишномаҳои байналмилалӣ қарор дорад ва дар ин марҳила зарурияти қабули як қатор қонуну қарорҳои муҳим оид ба бартараф намудани баъзе монеаҳои маъмурӣ ва дискриминатсионие, ки айни замон дар савдои хориҷӣ ҷой доранд, ба миён омадааст.

Воқеан ҳам, узвият ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо мутобиқати қонунгузориро тибқи меъёрҳои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо тақозо менамояд. Кишвари дохилшаванда бояд қонунгузории худро ба созишномаҳои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо то давраи дохилшавӣ муобиқ гардонад.

Аз ин рӯ, лоиҳаи қонуни



мазкур ҷиҳати мутобиқ будан ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, аз қабили Созишномаи кулл доир ба тарофа ва савдо (ГАТТ), Созишнома оид ба ҷанбаҳои тиҷоратии ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ (ТРИПС), Созишномаи кулл доир ба тиҷорат дар соҳаи хизматрасонӣ (ГАТС), Созишнома дар бораи тартиби иҷозатномадиҳӣ барои воридот, Созишнома дар бораи амалӣ гардонидани моддаи 6-уми Созишномаи кулл доир ба тарофа ва савдо ва инчунин фароҳам овардани шароити мусоиди якхела ҳам ба шаҳрвандони Тоҷикистон ва ҳам ба шаҳрвандони хориҷӣ таҳия ва пешниҳод шудааст.

(Идома дар саҳ. 3)

# Идомаи сафари давлатии Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Мардумии Чин



(Идома аз саҳ. 1)

***

**Нимаи дуюми рӯзи 5 июни соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Сарвазири Шӯрои давлатии Ҷумҳурии Мардумии Чин Вэн Ҷябао мулоқот намуд.**

Дар мулоқот масоили ҳамкории иқтисодӣ-тиҷоратӣ ва сармоягузории ду кишвар муфассал баррасӣ шуд.

Бо изҳори қаноатмандӣ аз натиҷаҳои мулоқоти роҳбарони аввали Тоҷикистону Чин Вэн Ҷябао изҳор дошт, ки Ҳукумати кишвараш барои татбиқи амалии тавофуқоти имрӯза ва қаблии миёни ду кишвар имкону захираҳои зарурирo сафарбар менамояд.

Эмомалӣ Раҳмон ба Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин барои дастгирии пайваста аз рушди босуботи кишвари мо арзи сипос намуда, таъкид дошт, ки ҳамкории гуногунпаҳлуи Тоҷикистону Чин, хусусан дар татбиқи лоиҳаҳои бузургҳаҷми зербиноӣ, ба нафъи кулли минтақа хизмат мекунад.

***

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 6 июни соли 2012 бо раиси Кумитаи умумичинии Шӯрои мардумии сиёсии машваратӣ Ҷя Синлин мулоқот намуд.**

Дар вохӯрӣ масоили вобаста ба таҳкими заминаи қарордодию ҳуқуқии муносиботи дӯстӣ ва ҳамкории судбахш ва робитаҳои байнипарлумонии Тоҷикистону Чин баррасӣ шуд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон аз ин хусус чунин изҳор дошт: «Имрӯз бо эътимоди комил метавон гуфт, ки муносиботи Тоҷикистону Чин намунаи арзандаи ҳамкорӣ ва ҳамгироии бобарори давлати бузург бо ҳамсоякишвари худ аст». Ӯ ҳамчунин таъкид дошт, ки «имрӯз муносиботи Тоҷикистону Чин давраи рушди босуръати худро ба сар мебарад». Аз он ки имрӯз ду кишвари ҳамсоя ба ҷаҳони муосир ва мушкилоти ташаккули тартиботи одилона дар садаи XXI мавқеъ ва назари ягона доранд, изҳори қаноатмандӣ шуд.

Зимни мулоқот доир ба дурнамои муносиботи дуҷониба ва бисёрҷонибаи Тоҷикистону Чин ва ҳамгироии муштарак дар арсаи минтақа ва ҷаҳон гуфтугӯйи судманд сурат гирифт.

***

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 6 июни соли чорӣ раиси идораи Бонки давлатии рушди Чин Чен Юанро ба ҳузур пазируфт.**

Зимни баррасии ҳамкории мутақобилан судманди ду ҷониб ба нақши ин бонк дар густариши ҳамкорӣ бо Тоҷикистон, хусусан дар доираи Иттиҳоди байнибонкии Созмони Ҳамкории Шанхай баҳои баланд дода шуд. Аз мӯҳтавои ҳамкории Бонки давлатии рушди Чин бо Бонки давлатии амонатгузории Тоҷикистон «Амонатбонк» изҳори қаноатмандӣ шуд.

«Натиҷаҳои дастгирии Бонки давлатии рушди Чин аз соҳибкории хурду миёнаи Тоҷикистон, хусусан дар соҳаи кишоварзӣ ва ташвиқи ҳунармандии занону духтарони деҳот, боиси хушнудӣ аст», - изҳор дошт Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон.

Чен Юан изҳор дошт, ки ҳамкории аз ҳама босамари Бонки давлатии рушди Чин дар минтақаи Осиёи Марказӣ бо Тоҷикистон ба назар мерасад.

Бо ёдоварӣ аз ҳаҷми гардиши моли миёни Тоҷикистону Чин, ки соли 2011 бори аввал аз ду миллиард доллари амрикоӣ гузашт, изҳори боварӣ шуд, ки солҳои наздик ин нишондод боз ду баробар афзоиш меёбад.

Гуфтугӯйи судманд, ҳамчунин доир ба зарурати таҳия ва қабули стратегияи дарозмуддати ҳамкории ин бонк бо Тоҷикистон, маблағгузории бунёди неругоҳҳои хурду миёнаи барқӣ, омодасозии кадрҳои қавии соҳаи молия ва бонкдорӣ сурат гирифт.

Баъди анҷоми мулоқот миёни Бонки давлатии амонатгузории Тоҷикистон «Амонатбонк» ва Бонки давлатии рушди Чин ду санад доир ба ҳамкорӣ барои рушди деҳот ва омодасозии кадрҳои соҳаи молия ва бонкдорӣ ба имзо расид.

***

**Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 6 июни соли 2012 роҳбарони як қатор ширкатҳои бонуфузи Ҷумҳурии Мардумии Чинро ба ҳузур пазируфт.**

Дар мулоқот бо Раиси Шӯрои директорони ширкати «Чайна Глобал» Хуан Ҷзанҷун асосан масоили ҳамкорӣ дар мавзеи Зарнисори шаҳри Қайроққуми Тоҷикистон, аз ҷумла доир ба кори корхонаи металлургӣ ва тавсиаи он то комбинати бисёрбахшаи ин соҳа баррасӣ шуд. Таъкид гардид, ки бояд корҳои сохтмону таҷҳизи он тезонида шуда, бунёди роҳҳои маҳаллӣ, мактабу бемористон ва дигар иншооти зарурии иҷтимоӣ низ оғоз карда шавад.

Гуфтугӯйи судманд, ҳамчунин доир ба густариши ҳамкорӣ дар дигар бахшҳои иқтисодию сармоягузорӣ сурат гирифт.

Зимни сӯҳбат бо ноиби президенти ширкати «Хуавэй Лин» Жуйчи Ҷанҷун масоили ҳамкорӣ дар соҳаи алоқа ва телерадиокоммуникатсия баррасӣ шуд.

Табодули андеша, аз ҷумла доир ба ташкили Шабакаи назорати автоматии кори нақлиёт ва хадамоти хизматрасонии ҳаракат дар роҳҳои шаҳри Душанбе сурат гирифт.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон изҳор дошт, ки барои интихоби ширкати амаликунандаи ин лоиҳа озмуни ошкоро эълон карда мешавад ва ҳамаи ширкатҳои дохилию хориҷӣ метавонанд дар он иштирок намоянд.

***

**6 июни соли 2012 миёни сохторҳои гуногуни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистону Ҷумҳурии Мардумии Чин панҷ санади иловагии ҳамкорӣ ба имзо расид:**

Ду созишнома миёни Бонки давлатии амонатгузории Тоҷикистон «Амонатбонк» ва Бонки давлатии рушди Чин доир ба маблағгузории соҳаи кишоварзӣ ва омодасозии кадрҳои соҳаи молия ва бонкдорӣ;

Ёддошти тафоҳум миёни Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сарраёсати давлатии назорати техникӣ ва карантини сифати молҳои Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи нозирот ва карантини растанӣ;

Ёддошти ҳусни тафоҳум миёни Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Идораи геологияи ангишти музофоти Хэнани Ҷумҳурии Мардумии Чин;

Созишномаи ҳамкорӣ миёни Корхонаи воҳиди давлатии «Ширкати Алюминийи Тоҷик» (TALCO) ва Ширкати миллии масолеҳи сохтмонии Чин (CNBM).

Тибқи созишномаи миёни TALCO ва CNBM дар ноҳияи Шаҳритуси Тоҷикистон бо харҷи беш аз 600 миллион доллари амрикоӣ як корхонаи муштараки сементбарорӣ бо номи «CNBM-TALCO семент» бояд бунёд ёбад. Иқтидори солонаи корхона 3 миллион тонна сементи навъи 620 хоҳад буд. Ин корхона бо навтарин техникаю технология муҷаҳҳаз шуда, бо истифода аз ашёи хоми маҳаллӣ аввалин шуда, дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва атрофи он чунин навъи баланди семент истеҳсол хоҳад кард.

Тибқи нақшаҳои қаблӣ, навбати аввали он бо иқтидори солонаи як миллион тонна семент бояд дар зарфи 14 моҳ сохта, ба истифода дода шавад.

Дар сурати пурра ба кор даромадани корхона панҷ ҳазор нафар соҳиби ҷойи кор мешаванд.

***

**6 июни соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо медали тиллоии Кумитаи олимпии Чин сарфароз гардонида шуд.**

Медали тиллоии ин ниҳоди бонуфузи варзишии Ҷумҳурии Мардумии Чин дар Қасри Маҷлиси мардумии ин кишвар аз ҷониби раиси Кумитаи олимпии Чин Лю Пен тақдим карда шуд. Тавре зикр гардид, Эмомалӣ Раҳмон барои саҳми бузургаш дар дастгирии рушди варзиш ва ҳаракати олимпӣ бо ин мукофоти олӣ сарфароз гардид.

*www.prezident.tj*



Бегоҳии рӯзи 6 июни соли 2012 ҷаласаи навбатии сарони давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай оғоз ёфт.

# Ҷаласаи навбатии сарони давлатҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай

Барои иштирок дар ин ҳамоиш сарони ҳамаи давлатҳои аъзои ин созмони бонуфузи байналмилалӣ дар шаҳри Пекин ҷамъ омадаанд.

Хотиррасон бояд намуд, ки аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай давлатҳои Ҷумҳурии Мардумии Чин, Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон мебошанд.

Дар ҷаласаи имрӯза, ки дар ҳайати маҳдуд ҷараён мегирад, танҳо сарони давлатҳои аъзои созмони мазкур иштирок намуданд.

Ҷаласаи ҳайати васеъ бо ҳамроҳ шудани роҳбарони давлатҳои нозири Созмони Ҳамкории Шанхай, меҳмонони воломақом ва намояндагони созмонҳои гуногуни байналмилалӣ 7 июни соли ҷорӣ баргузор гардид.

Зимни ин ҳамоиш масоили мубрами минтақавию ҷаҳонӣ ва қабули Эъломияи муштараки давлатҳои аъзо, Самтҳои асосии стратегияи рушди Созмони Ҳамкории Шанхай, Барномаи нави сесолаи ҳамкорӣ доир ба мубориза бо «хатарҳои сегона» ва дигар санадҳои муҳим баррасӣ гардид.

*www.prezident.tj*

# Иштирок дар ҳамоиши навбатии сарони давлатҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай

**Субҳи рӯзи 7 июни соли 2012 кори ҳамоиши навбатии сарони давлатҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ) дар ҳайати васеъ бо ҳамроҳ шудани сарони давлатҳои нозир, меҳмонони воломақом ва намояндагони созмонҳои зиёди минтақавию ҷаҳонӣ идома ёфт.**

Хотиррасон бояд кард, ки дар қатори шаш кишвари аъзо – Чин, Россия, Тоҷикистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон дар ин созмон, ҳамчунин Эрон, Покистон, Ҳиндустон ва Муғулистон дорои мақоми нозир буда, Беларусу Шриланка шарикони гуфтугӯ ба шумор мераванд. Дар ин ҳамоиш ба ҳайси меҳмон, инчунин сарони давлатҳои Афғонистону Туркманистон иштирок намуданд.

Сарони давлатҳоро Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Ху Ҷинтао истиқбол гирифта, ба макони аксбардории муштарак даъват намуд.

Тавре зикр гардид, мавзӯъҳои иқтисодӣ ва амнияти минтақавӣ дар ин ҳамоиш мақоми марказӣ доштанд. Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Ху Ҷинтао, аз ҷумла изҳор дошт, ки кишвари ӯ барои дастгирии рушди босуботи кишварҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай ва таҳкими амну субот дар минтақа бори дигар дар ҳаҷми 10 миллиард доллари амрикоӣ қарзҳои имтиёзӣ ҷудо менамояд.

Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Самтҳои асосии Стратегияи рушди Созмони Ҳамкории Шанхай барои дурнамои миёнамӯҳлат, дигар санадҳои муҳим ва ба ҳайси нозир дар СҲШ қабул шудани Афғонистонро дастгирӣ намуд.

Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин қабули Барномаи нави сесолаи мубориза бо терроризму экстремизм ва ҷудоихоҳӣ ва дигар санадҳои муҳими пешниҳодшударо дастгирӣ намуд.

«Мо «хонаи СҲШ»-ро, ки бо талошҳои муштарак сохтаем, бояд хуб ҳифз намоем, кӯшиш кунем, ки ҳар як узви ин оилаи бузург худро дар он бехатар эҳсос намояд», - таъкид дошт Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон.

Дар мавзӯи таҳкими муносиботи шарикӣ миёни аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай ва рушди ҳамкории минтақавӣ Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин изҳор дошт: - «Тоҷикистон ҷонибдори он аст, ки ҳамаи давлатҳои аъзо дар асоси моддаи якуми Хартияи Созмони Ҳамкории Шанхай ӯҳдадориҳои худро доир ба таҳкими боварӣ, дӯстӣ ва ҳамсоягии накуи миёни онҳо як хел иҷро намоянд».

Ҳамоиши навбатии сатҳи олии Созмони Ҳамкории Шанхай бо имзои 10 санади нави ҳамкорӣ ва изҳороти матбуотии Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Ху Ҷинтао, ки аз номи сарони ҳамаи давлатҳои аъзо сухан гуфт, ба поён расид.

Яке аз санадҳои асосии имзошуда Самтҳои асосии Стратегияи рушди Созмони Ҳамкории Шанхай барои дурнамои миёнамуҳлат мебошад, ки бо иқдоми Эмомалӣ Раҳмон бо иштироки фаъоли ҷониби Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод гардида буд.

Тибқи қарорҳои қабулшуда, ба Афғонистон мақоми нозири созмон ва ба Туркия шарики он доир ба муколама дода шуд.

*www.prezident.tj*

# Сафаре, ки ҳосилаш басо пурарзиш аст

Сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Мардумии Чин бо натиҷаҳои зиёди пурарзиш ба поён расид.

Тайи сафари пурмаҳсули худ ба Ҷумҳурии Мардумии Чин Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳрҳои Сямэн, Лянчен, Шанхан ва Пекин ташриф оварда, дар баробари мулоқотҳо бо роҳбарияти олии ин кишвар ва иштирок дар ҳамоиши навбатии сарони давлатҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай бо роҳбарони аввали Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон, бо доираҳои соҳибнуфузи сиёсӣ, иқтисодию сармоягузорӣ ва роҳбарони ширкатҳои дорои шӯҳрати ҷаҳонии Чин наздики 25 мулоқоти судманди дигар анҷом дод.

Дар ин рӯзҳо бо иштирок ва дар ҳузури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 10 санади нави ҳамкории байнидавлатӣ, байниҳукуматӣ ва байниидоравии ду кишвар доир ба ҳамкорӣ дар соҳаҳои энергетика, саноат, роҳсозӣ, геология, кишоварзӣ, бонкдорӣ, телерадиокоммуникатсия ва ғайра ба имзо расид.

Тавофуқоти зиёди дигар миёни корхонаю ширкатҳои давлатию хусусӣ ва соҳибкорони Тоҷикистону Чин ҳосил шуд.

Тибқи яке аз чунин мувофиқаҳо, дар муддати кӯтоҳ дар ноҳияи Шаҳритус бо харҷи беш аз 600 миллион доллари амрикоӣ сармоягузории мустақим як корхонаи сементбарорӣ бо иқтидори солонаи 3 миллион тонна сементи баландсифати навъи 620 бунёд меёбад, ки дар он беш аз 5 ҳазор кас соҳиби кори доимӣ хоҳанд шуд. Навбати аввали он баъд аз як сол бо иқтидори солонаи як миллион тонна семент бояд ба кор даровarда шавад.

Сохтмони Маркази барқу гармидиҳии Душанбе-2 дар мӯҳлати як соли оянда ба анҷом расонида мешавад ва сармоягузории зиёд ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти Тоҷикистон карда мешавад.

Тибқи ҳамаи санадҳои дар рӯзҳои ин сафар имзошуда, ҳаҷми умумии грант, кӯмакҳои техникӣ, қарзҳои имтиёзнок ва сармоягузории мустақим аз Ҷумҳурии Мардумии Чин ба Ҷумҳурии Тоҷикистон наздики беш аз як миллиард доллари амрикоиро ташкил медиҳад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон баъди анҷоми сафари бобарору пурмаҳсул шоми 7 июни соли 2012 аз шаҳри Пекини Ҷумҳурии Мардумии Чин ба Ватан омад.

*www.prezident.tj*

# Мулоқот бо Маҳмуди Аҳмадинажод



**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҳошияи ҷаласаи навбатии сарони давлатҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай 6 июни соли 2012 бо Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон Маҳмуди Аҳмадинажод мулоқот намуд.**

Сарони ду давлати ҳамзабону ҳамфарҳанг доир ба татбиқи амалии лоиҳаҳои сершуморе, ки дар бахшҳои сиёсат, иқтисоду сармоягузорӣ, энергетика, нақлиёт ва илму фарҳанг рӯйи коранд, гуфтугӯйи судманд анҷом доданд.

Ба сохторҳои марбутаи ду кишвар дастур дода шуд, ки барои ҳар чӣ зудтар ва бо сифати баланд такмил додани нақби Истиқлол, ба кор даровардани чархаи дуюми Нерӯгоҳи барқи обии «Сангтӯда – 2», оғози сохтмони Нерӯгоҳи барқи обии «Айнӣ» дар болои рӯди Зарафшон ва ба поён расонидани имконсанҷии техникӣ ва молиявии қисмати тоҷикистонии лоиҳаи бунёди роҳи оҳани Эрон-Афғонистон-Тоҷикистон-Қирғизистон-Чин чораҳо амалӣ намоянд.

Гуфтугӯйи судманд, ҳамчунин доир ба дигар лоиҳаҳои судбахши дуҷониба ва ҳамгироии Тоҷикистону Эрон дар чаҳорчӯби муносибатҳои сеҷониба бо Афғонистон, Созмони Ҳамкории Шанхай, Созмони ҳамкории иқтисодӣ (ЭКО) ва дигар созмонҳои минтақавию ҷаҳонӣ сурат гирифт.

*www.prezident.tj*

# Сӯҳбати Эмомалӣ Раҳмон бо Осиф Алӣ Зардорӣ

**Дар ҳошияи ҳамоиши Созмони Ҳамкории Шанхай Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 6 июни соли ҷорӣ бо Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон Осиф Алӣ Зардорӣ мулоқот намуд.**

«Мавқеи Тоҷикистону Покистон оид ба аксари масъалаҳои муҳим ба ҳам наздиканд. Ин омил имконият медиҳад, ки ду давлати дӯст ҷиҳати ҳалли мушкилоти минтақавӣ дар ҳамоҳангӣ амал намоянд», - изҳор дошт Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон.

Гуфтугӯйи судманд доир ба тезонидани татбиқи лоиҳаҳои минтақавии зербиноӣ барои тавассути сарзамини Афғонистон ба ҳам пайвастани шабакаҳои барқию нақлиётии Тоҷикистону Покистон, рушди ҳамкорӣ дар соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, муборизаи муштарак бо хатарҳои ҷаҳони муосир ва ғайра сурат гирифт.

Ба манзури аҳамияти ҳаётии амну субот дар Афғонистон барои рушди ҳамкории минтақавӣ сарони ду давлат изҳор доштанд, ки Тоҷикистону Покистон ба барқарорсозии ҳаёти осоишта дар ин кишвари ҳамсоя мусоидати фаъол мекунанд ва хоҳанд кард.

Дар мулоқот, ҳамчунин доир ба омодагӣ ба ҷаласаиояндаи сарони давлатҳои Чоргонаи Душанбе (Тоҷикистон, Афғонистон, Покистон ва Россия) ва дигар мавзӯъҳои мавриди таваҷҷуҳ гуфтугӯ сурат гирифт.

*www.prezident.tj*





Суратгир А. ИСОЕВ

# Мулоқоти Шукурҷон Зуҳуров бо Чэн Бинде

**7 июни соли равон Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров бо ҳайати бонуфузи Ҷумҳурии Мардумии Чин, ки бо роҳбарии узви Шӯрои низомии марказии Ҷумҳурии Мардумии Чин, сардори Ситоди генералии Артиши халқӣ-раҳоибахши Чин, генерал-полковник Чэн Бинде ба кишвари мо бо сафари корӣ ташриф овардааст, мулоқот намуд. Шукурҷон Зуҳуров нахуст меҳмонони олиқадрро хайра мақдам гуфта, дар бораи густариши равобити миёни кишварҳо маълумоти мухтасар дод.**

Раиси мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори тоҷик аз ҷумла изҳор дошт, ки Ҷумҳурии Мардумии Чин дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон мавқеи хосро ишғол менамояд. Бо ин кишвари бузурги ҳамҷаворамон мо робитаҳои дӯстона дорем, ки аз умқи таърих сарчашма мегиранд. Чин шарики мӯътамади стратегии мост ва аз дастовардҳо ва пешрафти Чин обрӯву нуфузи баланди ӯ дар миқёси ҷаҳонӣ самимона шоду қаноатманд мегардад.

Аз рӯзҳои нахустини ба Истиқлолияти давлатӣ расиданаш Ҷумҳурии Тоҷикистон ба густариши равобити муносибот бо Ҷумҳурии Мардумии Чин таваҷҷуҳи зиёд дошта, бемайлон аз «сиёсати як Чин» пуштибонӣ менамояд.

Ба шарофати иқтидори бузурги иқтисодӣ, сиёсӣ ва низомии худ, мавқеи ҷуғрофӣ, ҳамчунин таҷрибаи ғании ислоҳоти иқтисодӣ ва, қабл аз ҳама, гузариш ба муносиботи бозаргонӣ, Ҷумҳурии Мардумии Чин дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи афзалиятнокро ишғол менамояд. Ин гуфта дар сафарҳои чандинкаратаи расмӣ ва дӯстонаи роҳбарони ҳар ду давлат ва ба имзо расидани созишномаҳои барои халқу кишварҳои мо хеле муҳим, дар асоси принсипҳои баробарӣ, ҳусни ҳамҷаворӣ, эҳтиром ва манфиатҳои тарафайн тасдиқ меёбад.

Нуқтаи назари ҳар ду кишвар роҷеъ ба бисёр масъалаҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла роҷеъ ба масъалаҳое, ки дар доираи созмонҳои байналмилалӣ матраҳ мегарданд, ба ҳам хеле наздик аст. Далели ин гуфтаҳоро дар бисёр санадҳои сиёсии байни Тоҷикистон ва Чин баимзорасида пайдо кардан имкон дорад.

Ҳамчунин тайи солҳои гузашта байни кишварҳоямон зиёда аз 160 санади меъёрии ҳуқуқии дуҷониба ба имзо расидааст, ки асоси онҳоро Созишнома миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин дар бораи ҳусни ҳамҷаворӣ, дӯстӣ ва ҳамкорӣ ташкил медиҳад, ки соли 2007 ба имзо расида буд.

Айни замон дар Тоҷикистон бо ёрии Ҷумҳурии Мардумии Чин беш аз 50 лоиҳаи муштарак дар бахшҳои гуногуни иқтисодӣ, хусусан дар соҳаи энергетика ва коммуникатсия, амалӣ мешаванд.

Муносиботи байни кишварҳоямон дар бахшҳои амният, тартиботи ҳуқуқӣ, фарҳангӣ, маориф ва дигар бахшҳо рушд меёбад. Дар доираи барномаҳои Созмони Ҳамкории Шанхай бо квотаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин тақрибан ҳазор донишҷӯйи тоҷик дар 11 донишгоҳи олии кишвари шумо таҳсил менамоянд.

Имрӯз мо тавассути роҳҳои автомобилгард аз тариқи сарҳади Тоҷикистону Чин алоқаи доимӣ дорем. Ин натиҷаи назарраси ҳамкориҳо ва асоси боэътимоди рушди муносибатҳои тиҷоративу иқтисодӣ мебошад. Имрӯз Чин шарики асосии тиҷоратии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, тайи даҳ соли охир ҳаҷми гардиши мол миёни кишварҳоямон бештар аз ду млрд. доллари амрикоиро ташкил медиҳад.

Мо робитаҳоямонро дар бахшҳои амният ва низомиву техникӣ мусбӣ арзёбӣ менамоем. Чунин робитаҳо дар бахши иштироки кишварҳоямон дар доираи Созмони Ҳамкории Шанхай ва дуҷониба амалӣ карда мешаванд.

Дар доираи робитаҳои Созмони мазкур меъёрҳои қонунгузорӣ ба танзим даровapда шуда, механизмҳои ҳамкорӣ такомул меёбад ва ҳусни боварӣ дар бахши низомӣ қавӣ мегардад.

Комёбиҳои машқҳои якҷояи зиддитеррористӣ муҳимияти саҳмгузориро дар бунёди сулҳи ҳамешагӣ ва амнияти минтақа нишон медиҳанд. Кишварҳои мо дар мубориза ба муқобили «се қувваи бадӣ» - терроризм, экстремизм ва сепаратизм ба таври муассир ҳамкорӣ менамоянд.

Шукурҷон Зуҳуров дар идомаи сӯҳбаташ изҳор дошт, ки мехоҳам таваҷҷуҳатонро ба масъалае ҷалб намоям, ки барои ҷумҳурии мо моҳияти ҳаётан муҳим дорад. Ин масъала мустаҳкам намудани сарҳади мо бо Афғонистон мебошад, ки тақрибан 1400 километрро ташкил медиҳад. Ин масофаи хеле калон аст, ки аз ҷониби сарҳадчиёни мо муҳофизат карда мешавад. Аммо бояд иқрор шуд, ки вобаста ба вазъияти мураккаби иҷтимоӣ-сиёсӣ, ки дар ин кишвари ҳамсоя ҳукмрон аст, базаи моддӣ-техникии амнияти сарҳадҳои мо ба талаботи вазъияти сиёсии минтақа ҷавобгӯй буда наметавонад. Аз ин лиҳоз, мустаҳкам намудани базаи моддӣ-техникӣ ва ёрии ҳарбӣ-техникӣ бо мақсади муҳофизати сарҳад бо Афғонистон, ки аз ҷумла дар мавқеияти тангнои Вахон бо Чин низ мепайвандад, ба манфиатҳои амнияти кишварҳоямон ҷавобгӯй буда метавонад.

Умедворам, ки дар оянда ҳамкориҳои мо боз ҳам густариш ёфта, миёни халқҳо ва кишварҳоямон ҳусни неки ҳамҷаворӣ, дӯстӣ боз ҳам рушду нумӯ меёбад, - гуфт Раиси Маҷлиси намояндагон Ш. Зуҳуров.

Роҳбари ҳайати Ҷумҳурии Мардумии Чин, узви Шӯрои низомии марказии Ҷумҳурии Мардумии Чин, сардори Ситоди генералии Артиши халқӣ-раҳоибахши Чин, генерал-полковник Чэн Бинде аз пазироии самимонаи Раиси Маҷлиси намояндагон изҳори сипос намуда, саломҳои раиси Кумитаи доимии маҷлиси умумихитоии намояндагони халқии Ҷумҳурии Мардумии Чин У Банго ва Раиси ҳукумати Чин Вен Тзябаоро ба Раиси Маҷлиси намояндагон Шукурҷон Зуҳуров расонид. Вай қаноатмандиашро аз сафар ба Тоҷикистон, аз дидор бо мардуми тоҷик ва равобити миёни кишварҳои Тоҷикистону Чин изҳор намуда, ҳамчунин роҷеъ ба муносиботи дӯстонаи миёни ду кишвар ва роҳбарони онҳо, густариши ҳамкориҳои ҳамаҷониба ва дигар масъалаҳои қобили таваҷҷуҳ изҳори назар кард.

***М. ҲОТАМОВ,***
***мудири котиботи роҳбарияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

# Қонунҳои нав барои рушд замина мегузоранд

(Идома аз саҳ. 1)

Дар лоиҳаи қонуни мазкур принсипҳои низоми миллӣ ва низоми мусоидати бештар дарҷ гардидаанд, ки ин ба принсипҳои асосии Созишномаҳои ГАТТ (моддаҳои 1 ва 3), ТРИПС (моддаҳои 3 ва 4) ва ГАТС (моддаҳои 2 ва 17) пурра мутобиқат мекунанд.

Мақсади асосӣ аз қабули қонун ҳифзи соҳаҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва субъектҳои алоҳидаи он аз таъсири манфии рақобати хориҷӣ, таъмини шароит барои воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисодиёти ҷаҳон, таъмини баланси пардохти савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи танзими воридоти молҳо ва хизматрасониҳо, танзими содирот ва воридоти молҳои алоҳида бо мақсади қаноатманд намудани талаботи бозори дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати камчинии чунин молҳо мебошад. Илова бар ин, қонуни мазкур беҳтарин таҷрибаҳои байналмилалиро дар бахши танзими савдои хориҷӣ инъикос менамояд.

Қонуни мазкур назарҳои ҷадидеро, ки мусоидати озоди воридшавии молҳо ва сармоя, иқтисоди кушодаи бозоргонӣ ва либерализатсияи минбаъдаи савдоро дар молҳо ва хизматрасониҳо аз як тараф ва аз тарафи дигар ҳимояи маҳсулоти ватанӣ, рушди техникиву технологӣ ва беҳтар гардонидани он ва шароити якхела барои ҳамаи иштирокчиёни савдои хориҷиро дар бар мегирад.

Бо назардошти ин, аз шумо, мӯҳтарам вакилони халқ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки лоиҳаи барои баррасӣ пешниҳодгардидаро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Аз рӯйи ҳамин масъала сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Гулов Сафаралӣ дода мешавад.

**Сафаралӣ ГУЛОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуда, бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 майи соли 2012 таҳти рақами 1279 ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуд.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади тақвият бахшидани раванди дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо таҳия ва пешниҳод гардида, ҳадафи асосии он ҳифзи соҳаҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва субъектҳои алоҳида аз таъсири манфии рақобати хориҷӣ, таъмини шароит барои воридшавии самараноки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисоди ҷаҳон, таъмини баланси пардохти савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи танзими воридоти молҳо ва хизматрасониҳо, танзими содироти молҳои алоҳида бо мақсади қаноатманд намудани талаботи бозори дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати камчинии чунин молҳо мебошад.

Лоиҳаи қонун аз 8 боб ва 57 модда иборат буда, асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодии фаъолияти савдои хориҷӣ, принсипҳои асосии танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ, ҳуқуқу ӯҳдадориҳои субъектҳоро дар соҳаи фаъолияти савдои хориҷӣ танзим намуда, баҳри таъмини шароити мусоид барои фаъолияти савдои хориҷӣ ва ҳамгироии самараноки он ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ равона гардидааст.

Қонуни мазкур дар соҳаи танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ, инчунин ба муносибатҳое, ки бевосита бо чунин фаъолият алоқаманданд, татбиқ мегардад.

Лоиҳаи қонуни мазкурро ҳамаи кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмӯъ ҷонибдорӣ намуда, барои такмили он 105 таклифу эрод пешниҳод намуданд, ки аз онҳо 93-тоаш қабул, 2-тоаш қисман қабул гардид ва 10-тоаш қабул нашуд. Таклифҳои қабулшуда дар мувофиқа бо субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба лоиҳаи қонун ворид шуданд, ки онро боз ҳам мукаммал гардониданд.

Бо пешниҳоди шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо намояндаи субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз лоиҳа моддаҳои 53-54 хориҷ карда шуда, моддаи 55 ба ҷойи моддаи 13 ва моддаи 56 ба ҷойи моддаи 4 гузаронида шуд.



Дар асоси эродҳои Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Зуҳуров Шукурҷон Зуҳурович қисми 4, моддаи 24, қисми 3 моддаи 25, қисмҳои 1 ва 2 моддаи 36 ва моддаи 39 аз нав таҳрир шуданд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Аз шумо, вакилони гиромӣ, хоҳиш менамоем, ки лоиҳаи қонуни мазкурро дастгирӣ намоед.

*Лоиҳаи қонун модда ба модда, боб ба боб муҳокима шуда, яклухт ба овоз монда, Қонун қабул гардид. Вобаста ба қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба масъалаи дигари рӯзнома мегузарем. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маводи доруворӣ ва фаъолияти фармасевтӣ» сухан ба вазири тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон Салимов Нусратулло Файзуллоевич дода мешавад.

**Нусратулло САЛИМОВ: - Мӯҳтарам Раис, вакилони Маҷлиси намояндагон, ҳозирини гиромӣ!**

Пеш аз ҳама барои дастгирии соҳаи тандурустии кишвар миннатдории худро изҳор менамоям.



Соҳаи фармасевтии кишвар баъди соҳибистиқлол шудани ҷумҳурӣ давоми чанд соли аввал ба душвориҳои зиёд дучор шуда буд. Бо мақсади батанзимдарории фаъолияти фармасевтӣ ва гардиши маводи доруворӣ сохторҳои фармасевтии ба талаботи ҷумҳурӣ ҷавобгӯ созмон дода шуданд. Инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муомилоти маводи доруворӣ ва фаъолияти фармасевтӣ таҳия ва тасдиқ гардид, ки ба онҳо қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маводи доруворӣ ва фаъолияти фармасевтӣ», «Дар бораи маводҳои нашъаовар, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо», «Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба харид ва тақсимоти маводи доруворӣ» ва «Сиёсати давлатии доруворӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон», як қатор қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барномаҳои соҳавӣ дохил мешаванд. Бо мақсади татбиқи қонунҳои зикргардида дар бахши фармасевтӣ зиёда аз 50 санади меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва тасдиқ гардид.

Дар ҷумҳурӣ, мисли дигар кишварҳои тараққикарда, воридот, истеҳсол, фурӯш ва истифодаи доруворӣ ва молҳои тиббӣ танҳо дар сурати бақайдгирии давлатии онҳо иҷозат дода мешавад. Бақайдгирии доруворӣ дар Тоҷикистон аз соли 1993 инҷониб амалӣ мешавад. Айни замон дар ҷумҳурӣ 3244 маводи доруворӣ ва молҳои тиббӣ ба қайди давлатӣ гирифта шудаанд, ки аз онҳо 3170 номгӯяшон дар хориҷа истеҳсол гардидаанд ва танҳо 74 адади он истеҳсоли ватанӣ мебошад.

Дар ҷумҳурӣ тӯли солҳои охир воридоти маводи доруворӣ зиёд гардидааст. Агар соли 2000-ум ба ҷумҳурӣ ба маблағи 4 млн. 900 ҳазор доллари америкоӣ маводи доруворӣ ва молҳои тиббӣ ворид гардида бошад, ин нишондод дар соли 2011-ум ба зиёда аз 120 млн. доллари америкоӣ расид. Дар ин муддат воридоти маводи доруворӣ ва молҳои тиббӣ ба ҷумҳурӣ зиёда аз 24 маротиба зиёд гардид.

Истеҳсоли маводи доруворӣ дар ҷумҳурӣ рушд меёбад. Айни ҳол 74 номгӯйи маводи доруворӣ дар дохили ҷумҳурӣ аз тарафи 12 истеҳсолкунандагони ватанӣ истеҳсол мешавад.

Назорати сифати маводи доруворӣ давоми солҳои охир хеле назаррас гардидааст, ки сабаби асосии он мукаммал гардонидани озмоишгоҳҳои Хадамоти назорати давлатии фаъолияти фармасевтӣ бо таҷҳизоти зарурии ҳозиразамон ва реактивҳо мебошад. Соли 2000-ум 362 маводи доруворӣ аз таҳлил гузашта, 136 ададаш (37,57 фоиз) ба талабот ҷавобгӯй набуд. Соли 2011 нисбати соли 2000-ум 60 маротиба маводи доруворӣ зиёдтар аз ташхис гузаронида шуд ва маводи доруворӣ ба талабот ҷавобгӯнабуда 0,6 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба аввали солҳои 2000-ум 100 маротиба кам мебошад.

Зикр кардан лозим аст, ки бо сабаби пурзӯр намудани назорати муомилоти маводи доруворӣ, доруворӣ ба стандартҳо ҷавобгӯнабуда ва мӯҳлати истифодабариашон гузашта аз муомилот гирифта мешаванд. Агар соли 2002 ҳамагӣ 1813 кг маводи доруворӣ бесифат ва мӯҳлатгузашта аз муомилот гирифта шуда бошад, ин нишондод соли 2011-ум ба 40815 кг расидааст, ки нисбати соли 2002-юм 22 маротиба зиёд буда, аз фаъолияти пурсамари сохторҳои салоҳиятдори фармасевтӣ шаҳодат медиҳад.

Вазорати тандурустӣ барои мунтазам такмил додани қонунгузории амалкунанда ва мутобиқ гардонидани онҳо ба санадҳои байналмилалӣ чораҳои зарурӣ меандешад.

Бо ин мақсад Вазорати тандурустӣ лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маводи доруворӣ ва фаъолияти фармасевтӣ»-ро таҳия намуда, баъди мувофиқасозӣ бо вазорату идораҳои дахлдор ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд.

Мақсади таҳияи лоиҳаи қонуни мазкур иҷрои банди 18-уми Нақшаи чорабиниҳо барои соли 2011 оид ба тақвият бахшидани раванди дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2011 таҳти рақами 52 тасдиқ гардидааст, бо мақсади мутобиқ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маводи доруворӣ ва фаъолияти фармасевтӣ» ба Созишнома оид ба ҷанбаҳои тиҷоратии ҳуқуқ ба моликияти зеҳнии (ТРИПС) ҳуҷҷати Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, яъне махфӣ нигоҳ доштани маълумоти зарурӣ ҳангоми бақайдгирии маводи доруворӣ ва молҳои тиббӣ мебошад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маводи доруворӣ ва фаъолияти фармасевтӣ» бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» мухолифат мавҷуд аст. Аз он ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маводи доруворӣ ва фаъолияти фармасевтӣ» додани иҷозатномаро танҳо ба шахсони ҳуқуқӣ иҷозат додааст. Инчунин дар қонуни мазкур хатоиҳои имлоӣ мавҷуд буд.

Бо сабабҳои зикргардида зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маводи доруворӣ ва фаъолияти фармасевтӣ» ба миён омадааст.

Қабули лоиҳаи қонуни мазкур аз буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб намекунад.

Барои такмил додани лоиҳаи қонуни мазкур ба шумо, мӯҳтарам вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, миннатдории худро изҳор менамоям.

Хоҳишмандем лоиҳаи қонуни мазкурро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Оид ба ин масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Хонов Абдураҳмон Умарович дода мешавад.

**Абдураҳмон ХОНОВ: - Мӯҳтарам Раис, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маводи доруворӣ ва фаъолияти фармасевтӣ», ки бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 марти соли 2012 таҳти рақами 1118 барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ, дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва барои хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристода шуд.



Ҳамаи кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро дар маҷмӯъ дастгирӣ намуда, барои такмили он ворид намудани таклифу дархостҳои худро пешниҳод карданд.

17 апрели соли 2012 лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маводи доруворӣ ва фаъолияти фармасевтӣ» дар ҷаласаи васеи Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ бо иштироки намояндагони дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор гирифта, дар мувофиқа бо субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ворид намудани тағйиру иловаҳои зеринро зарур шуморид, аз ҷумла:

1. Дар банди якуми сархати сеюми қисми 1 калимаи «таъсирбахши» ба калимаи «фаъоли» иваз карда, пас аз калимаи «кимиёвии» аломати «,» хориҷ карда шуд.

2. Дар банди чоруми сархати сеюми қисми 1 калимаи «рухсатдиҳандаи» ба калимаи «иҷозатдиҳандаи» иваз карда шуд.

3. Аз банди якуми сархати дуюми қисми 2 моддаи 1 калимаҳои «ва доруворӣ» хориҷ карда, пас аз калимаи «давлатии» калимаҳои «доруворӣ ва» илова карда шуданд.

4. Ба сархати дуюми қисми 9 моддаи 1 пас аз калимаи «мутахассис» калимаи «оид» илова карда шуд.

Дар маҷмӯъ, аз 68 таклифу пешниҳод 18-тоаш қабул, 8-тоаш қисман қабул гардид ва 42-тои дигараш қабул нашуд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ, бо назардошти тағйиру иловаҳои пазируфтаи кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маводи доруворӣ ва фаъолияти фармасевтӣ»-ро ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

Бо назардошти гуфтаҳои зикргардида, аз шумо, вакилони мӯҳтарам, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки ба ҷонибдории қонуни мазкур овоз диҳед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста ба қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** -Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» сухан ба муовини вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷӯрахонов Саидҳон Қаюмович дода мешавад.

**Саидҳон ҶӮРАХОНОВ: - Мӯҳтарам Шукурҷон Зуҳурович, вакилони гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод шудааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади ҳавасманд гардонидани кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва шахсони алоҳидаи мансабдори мақомоти давлатӣ барои хизматҳои махсуси давлатӣ, қадр намудани хизмати пурмаҳсул ва давомнок, нишондодҳои баланди хизматӣ ва соҳиби донишу малакаи баланди касбии онҳо таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Бояд зикр намуд, ки шумораи кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, аз ҷумла қӯшунҳои дохилии он, ки дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, амнияти шаҳрвандон, мустаҳкам намудани асосҳои сохти конститутсионии давлатдорӣ, мубориза бар зидди ҷиноятҳои вазнин ва муташаккилона ҳиссаи арзанда гузоштаанд, кам нестанд.

Илова бар ин, дар мақомот кормандоне ҳастанд, ки собиқаи зиёда аз 25- солаи хизмати тақвимӣ дошта, хизмати пурмаҳсул, бенуқсон ва давомдор намуда, соҳиби обрӯ ва эътибори баланди хизматӣ гардидаанд. Чунин ҳолат тақозо менамояд, ки хизмати содиқонаи ин гуна кормандон аз ҷониби вазири корҳои дохилӣ қадрдонӣ шавад.



Айни ҳол дар мақомот кормандони соҳиби дараҷаву малакаи касбии гуногун фаъолият намуда, онҳо на аз рӯйи дараҷаву малака ва саҳми касбии худ, балки аз рӯйи вазифаву рутба маош мегиранд, ки мутаассифона, чунин тартиб кормандро барои боз ҳам беҳтару бештар ба хизмати содиқона ҷалб намудан ҳавасманд гардонида наметавонад.

Аз ин лиҳоз, мувофиқи мақсад мебошад, ки дараҷаи тахассусӣ, донишу малака ва маҳорати касбии корманд аз ҷониби комиссияи махсуси дар мақомот таъсисшаванда муқаррар карда шуда, кормандони милитсия ва хизматчиёни ҳарбии қӯшунҳои дохилӣ бо медалҳои идоравии «Барои хизмати шоён» дараҷаҳои 1,2,3, барои собиқаи хизматии зиёда аз 25 сол бо медали идоравии «Собиқадори мақомоти корҳои дохилӣ», барои нишондодҳои баланди хизматӣ ва касбӣ бо нишонҳои сарисинагии «Корманди фахрии ВКД» сарфароз гардонида шаванд. Тавсифи чунин медалҳо ва нишонҳои сарисинагӣ, тартиби мукофотонидан ва ҳавасмандгардонии онҳо аз ҷониби вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

Мафҳуми «ҳавасмандгардонӣ», ки дар лоиҳаи қонуни мазкур оварда шудааст, на маънои ҳавасмандгардонии пулиро, балки маънои онро дорад, ки дар асоси он ба роҳбарияти вазорат ҳуқуқ дода мешавад, ки ба кормандони бо нишонҳои сарисинагӣ ва медалҳои дохилиидоравӣ мукофотонидашуда иловатан ҳавасмандгардониҳоро дар намуди ба корманд додани рухсатии иловагӣ ё илова намудани мӯҳлат ба рухсатии навбатӣ, ба ӯ додани роҳхат барои муолиҷа тариқи ройгон дар санаторияҳои табобатӣ, додани рутбаҳо пеш аз мӯҳлат, таъин намудан ба вазифаҳои арзанда ва мувофиқ, ҷойгир намудани акси ӯ дар лавҳаҳои фахрӣ мебошад. Ворид намудани иловаҳо ба қонуни мазкур хароҷоти иловагиро аз буҷети ҷумҳуриявӣ талаб наменамояд. Барои пардохти подошҳо ва нишонҳои сарисинагӣ ҳамасола дар сметаи хароҷоти сохторҳои қудратӣ маблағи муайян пешбинӣ карда мешавад. Дар моддаи 2, 1, 14 сметаи хароҷотии Вазорати корҳои дохилӣ барои пардохти подошҳо ва нишонҳои сарисинагӣ дар соли 2012 ба маблағи 30 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардида, хароҷот барои тайёр намудани ҳар як адад медал ва ё нишони сарисинагии дохилиидоравӣ аз 32 то 35 сомониро ташил медиҳад.

Бо назардошти асосҳои дар боло овардашуда, мӯҳтарам Раис ва вакилони гиромӣ, аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодгардидаро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Сухан аз рӯйи ин масъала ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Холов Саттор дода мешавад.



**Саттор ХОЛОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» пешниҳод мешавад.

Лоиҳаи қонуни зикршуда бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 майи соли 2012 таҳти №1281 лоиҳаи қонуни мазкур барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният, дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд.

Лоиҳаи қонуни зикршуда бо мақсади ҳавасманд гардонидани кормандони мақомоти корҳои дохилӣ барои хизмати намунавӣ, бенуқсон, пурмаҳсул ва давомнок бо медалҳои идоравӣ, инчунин барои нишондодҳои баланди хизматӣ ва соҳиб будан ба донишу малакаи баланди касбӣ бо нишонҳои сарисинагӣ таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Мутобиқи лоиҳаи қонуни мазкур, кормандони дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳо, ташкилотҳо ва шаҳрвандон низ барои ҳамкорӣ бо милитсия ҳангоми амалӣ намудани муҳофизати тартиботи ҷамъиятӣ ва мубориза бар зидди ҷинояткорӣ метавонанд бо медалҳои Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон мукофотонида шаванд.

Тибқи лоиҳа, тавсифи медалҳо, нишонҳои сарисинагии идоравӣ, тартиби ба онҳо мукофотонидан ва ҳавасмандгардониро вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро омӯхта, онро ҷонибдорӣ карда, доир ба он хулосаҳои худро пешниҳод намуданд.

Аз кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кумитаи масъул 11 таклиф ворид гардида, аз онҳо 4 таклиф пурра, 4 таклиф қисман қабул шуда, 3 таклифи дигар қобили қабул ҳисобида нашуд.

Кумитаи масъул масъалаи зикргардидаро 31 майи соли 2012 дар ҷаласаи васеи худ бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор дод.

Бо назардошти мулоҳизоти иштирокчиёни ҷаласа Кумита ба хулоса омад, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» ҷонибдорӣ карда шавад.

Мӯҳтарам Раис!

Эроду пешниҳодҳои шумо, ки дар Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мукаммалу фаҳмо гардидани лоиҳаи қонуни мазкур баён намудед, дар мувофиқа бо субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ва шӯъбаҳои ҳуқуқ, тарҷума, таҳрир ва нашри Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта, пурра карда шуд.

Лоиҳаи қонуни пешниҳодгардида ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надошта, амалӣ намудани он аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагиро талаб намекунад.

Бинобар ин, аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия»-ро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста ба қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» сухан ба муовини аввали сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳматов Неъмат Сангинович дода мешавад.



**Неъмат РАҲМАТОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо вазорату идораҳои дахлдор мувофиқа шудааст, пешниҳод мешавад.

Ҳадафи асосии таҳияи ин лоиҳа мутобиқ сохтани қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи созишномаҳои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ба шумор рафта, лоиҳа дар маҷмӯъ, чор моддаи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад.

Мӯҳтавои мухтасари тағйиру иловаҳо чунин аст: Ба моддаи 9 Кодекси гумрук қисми 5 илова шудааст, ки тибқи он маълумоти махфӣ нисбати амалиёти воридотию содиротии мушаххаси иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ танҳо ба суд ва мақомоти тафтишоти пешакӣ вобаста ба тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ пешниҳод мешавад.

Бо мақсади таъмини ҳамоҳангсозӣ ва мутаносибии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Созишномаи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо оид ба ҷанбаҳои тиҷоратии ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ, ба моддаи 10 Кодекси гумрук, ки «мафҳумҳои асосӣ»-ро муайян менамояд, якчанд мафҳумҳои нав илова карда шудааст.

Чунончӣ, мафҳуми «молҳои қалбакӣ», яъне молҳои дорои объектҳои моликияти зеҳнии мувофиқи санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзшаванда, ки бо вайрон намудани ҳуқуқҳои соҳибҳуқуқ тайёр гардидаанд ва ё аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол дода шудаанд.

Мафҳуми «соҳибҳуқуқ» шахси соҳиби ҳуқуқҳои истисноӣ ба объекти моликияти зеҳниро ифода менамояд.

Аз ҷониби мақомоти гумрук тамдид гардидани мӯҳлати қабули қарор дар бораи иҷозати молҳо дар сурати ҷой доштани шубҳа дар мавриди қалбакӣ будани онҳо бо мафҳуми «боздошти иҷозат» ифода шудааст. Мафҳуми «феҳристи гумрукии объектҳои моликияти зеҳнӣ» ҳамчун номгӯйи молҳои дорои объектҳои мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзшавандаи моликияти зеҳнӣ муайян шудааст.

Ҳамин гуна, ҷиҳати мутобиқ сохтани муқаррароти Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи созишномаи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо оид ба арзиши гумрукӣ, ба моддаи 359 килограмм Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми 2 илова карда шудааст, ки мувофиқи он ҳангоми истифодаи усули муайян намудани арзиши гумрукӣ дар асоси ҷамъи арзиш, мақомоти гумрук ҳуқуқ надоранд аз шахсони хориҷӣ бо розигии онҳо ҳуҷҷатҳоро барои тасдиқи арзиши гумрукӣ талаб намоянд. Маълумот ва ҳуҷҷатҳое, ки истеҳсолкунанда пешниҳод намудааст ё аз номи вай пешниҳод шудаанд, аз тарафи мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд мавриди санҷиш қарор дода шаванд.

Вакилони мӯҳтарам!

Аз таваҷҷӯҳи шумо, баррасӣ ва муҳокимаи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори сипос намуда, аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки қабули қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Сухан оид ба масъалаи мазкур ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Мунавара Ҳодиевна Кенҷаева дода мешавад.

**Мунавара КЕНҶАЕВА: -Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуда, бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 майи соли 2012 таҳти №1282 ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуд.

Мақсади ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонуни мазкур мутобиқ намудани қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо мебошад. Лоиҳаи пешниҳодгардида ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми «маҳсулоти қалбакӣ (контрафакт)»-ро ворид намуда, ба усули муайян намудани арзиши гумрукӣ дар асоси ҷамъи арзиш ва пешниҳод кардани маълумоти махфиро ба суд ва мақомоти тафтишоти пешакӣ такмил медиҳад.

Инчунин ба қисми 1 моддаи 10 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон бандҳои 35), 36), 37) ва 38) илова карда шуданд, ки молҳои қалбакӣ, соҳибҳуқуқ, боздошти иҷозат ва феҳристи гумркии объектҳои моликияти зеҳниро дар бар мегиранд. Ғайр аз ин, бо мақсади ҳавасмандгардонии кормандони гумрук ба банди 6) қисми 1 моддаи 490 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон илова ворид карда шудааст.



Лоиҳаи қонуни мазкурро ҳамаи кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмӯъ, ҷонибдорӣ намуда, барои такмили он 9 таклифу эрод пешниҳод намуданд.

Инчунин лоиҳаи қонуни мазкур аз тарафи Кумита таҳлил карда, хатоҳои имлоӣ ва техникӣ ислоҳ шуданд, ки бо намояндаи субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ мувофиқа шудааст.

Дар ҷаласаи васеи Кумитаи масъул 31 майи соли 2012 ҳамаи таклифу эродҳои воридшуда оид ба лоиҳаи қонуни зикргардида бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифта, дар натиҷа аз 9 таклифу эродҳои пешниҳодшуда 8-тоаш қабул гардида, яктояш қабул нашуд. Пешниҳодҳои қабулшуда дар мувофиқа бо субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба лоиҳаи қонун ворид шуданд, ки онро боз ҳам мукаммал гардониданд.

(Идома дар саҳ. 4)

(Идома аз саҳ. 1, 3)

# Қонунҳои нав барои рушд замина мегузоранд

Лоиҳаи қонуни мазкур бо Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Аз шумо, вакилони мӯҳтарам, хоҳиш менамоем, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро ҷонибдорӣ намуда, ба тарафдории он овоз диҳед.

*Лоиҳа қонун ба овоз монда, қонун қабул гардид. Вобаста ба қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шуд.*

**РАИС:**- Ҳоло ба муҳокимаи масъалаи дигари рӯзнома шурӯъ менамоем. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» сухан ба муовини якуми раиси Кумита оид ба корҳои дини назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғиёсов Ҷумъахон Файзович дода мешавад.



**Ҷумъахон ҒИЁСОВ:- Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи дин таҳия ва пешниҳод шудааст.

Муносибатҳо оид ба ҳуқуқи инсон ба озодии виҷдон ва озодии пайравӣ ба дин, муносибати байни давлат ва иттиҳодияҳои динӣ, инчунин вазъи ҳуқуқии иттиҳодияҳои динӣ бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» ба танзим дароварда мешаванд. Дар қонуни зикргардида меъёрҳое мавҷуданд, ки то ҳол механизми риоя намудани онҳо дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла қисмҳои 6 ва 7-уми моддаи 8, қисми 3-юми моддаи 23 ва моддаи 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» пурра пешбинӣ нашудааст.

Бинобар ин, бо мақсади пурра дар амал татбиқ намудани чунин меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» зарурат ба миён омадааст, ки дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон механизми амалишавии онҳо дар моддаҳои $474^2$, $474^3$, $474^4$ илова гарданд. Пешбинӣ намудани ҷазои маъмурӣ дар шакли ҷарима барои чунин ҳуқуқвайронкуниҳо имконият медиҳад, ки иҷрои талаботи меъёрҳои зикргардида таъмин карда шавад.

Ҳамзамон бахри фавран андешидани чораҳои таъсиррасонии ҳуқуқӣ ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ илова намудани моддаи $728^1$ мувофиқи мақсад мебошад.

Меъёри иловашаванда имкон фароҳам меорад, ки чораҳои таъсиррасонии ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба дин таври фаврӣ ба амал бароварда, танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ин соҳа мураттаб ба роҳ монда шавад.

Дар сурати дастгирӣ ёфтани лоиҳаи қонуни мазкур, риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ таъмин мешавад.

Аз шумо, вакилони мӯҳтарам, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки лоиҳаи қонуни мазкурро дастгирӣ намоед.

**РАИС:**- Доир ба масъалаи мазкур сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мурофиа ва амният Иномов Абдузафар дода мешавад.

**Абдузафар ИНОМОВ:- Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниҳод мешавад.

Лоиҳаи қонуни зикршуда бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.



Бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 майи соли 2012 лоиҳаи қонуни мазкур барои хулоса бо Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният, дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд.

Лоиҳаи қонуни зикршуда бо мақсади татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи дин, амалӣ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ», баррасии саривақтии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, пешгирӣ намудани риоя накардани тартиби гирифтани таълими динии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар, фаъолияти таблиғотӣ ва маърифатии иттиҳодияҳои динӣ дар муассисаҳои томактабӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ, инчунин дар манзили истиқоматии шаҳрвандон барои аз тарафи роҳбарони ташкилотҳои динӣ бидуни мувофиқаи мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба дин муқаррар намудани ҳамкорӣ, аз ҷумла ҳамкории байналмилалии динӣ бо ташкилотҳои хориҷӣ таҳия ва пешниҳод шудааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур инчунин бо мақсади баррасии саривақтии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, пешгирӣ намудани ҳодисаҳои қонунвайронкуниҳо аз тарафи пиёдагардон, аз байн бурдан ва бартараф намудани мухолифатҳо пешниҳод шудааст.

Чунончӣ, мутобиқи қисми 1-уми лоиҳа, қисми 3-юми моддаи 39 ва қисми 1-уми моддаи 340 иваз намудани калимаи «нисфи» ба калимаи «ҳаштяки» пешниҳод шудааст.

Дар қисми 6-уми лоиҳа ба ном ва матни моддаҳои 625 ва 628 пас аз калимаи «талаботи» калимаҳои «регламентҳои техникӣ» илова шудааст.

Дар қисми 8-уми лоиҳа қисми 2-юми моддаи 720 дар таҳрири нав пешниҳод шудааст, ки мувофиқи он барои баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва таъини ҷазои маъмурӣ аз номи мақомоти стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо директори Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатстия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (сарнозири давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба назорати стандартҳо, воситаҳои ченак ва қоидаҳои савдо), муовинони ӯ, директорони марказҳои вилоятӣ, сардорони раёсатҳо дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва минтақаи Кӯлоб, директорони марказҳои минтақавии Агентии «Тоҷикстандарт»- сарнозирони вилоятию минтақавӣ оид ба назорати стандартҳо, воситаҳои ченак ва қоидаҳои савдо ҳуқуқ доранд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро омӯхта, онро ҷонибдорӣ карданд ва доир ба он хулосаҳои худро пешниҳод намуданд.

Аз кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмӯъ ба кумитаи масъул 12 пешниҳод ворид гардид, аз онҳо 4- пешниҳод пурра, 3 пешниҳод қисман қабул гардида, 5 таклифи дигар қобили қабул ҳисобида нашуд.

Кумитаи масъул масъалаи зикргардидаро 31 майи соли 2012 дар ҷаласаи васеи худ бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумита оид ба корҳои дини назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор дода, бо назардошти таклифу пешниҳодҳо, лоиҳаи қонун ҷонибдорӣ шуд.

Мӯҳтарам Раис, эроду пешниҳодҳои шумо, ки дар Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қисми 4 ва қисми 6 лоиҳаи қонун баён гардида буд, дар мувофиқа бо субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ пурра қабул шуд.

Лоиҳаи қонуни пешниҳодгардида ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надошта, амалӣ намудани он аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагиро талаб намекунад.

Бинобар ин, аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро ҷонибдорӣ намоед.

Дар муҳокимаи лоиҳаи қонун вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **Муҳиддин Кабиров** ва **Умаралӣ Ҳисайнов** иштирок карда, доир ба муқаррароти баъзе моддаҳои баррасишаванда фикру ақидаҳои хешро иброз намуданд.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста ба қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:**- Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи захираи моддии давлатӣ» сухан ба муовини якуми директори Агентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Муллоев Маҳмадӣ Ҷӯраевич дода мешавад.

**Маҳмадӣ МУЛЛОЕВ:- Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд!**



Ба муҳокимаи шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи захираи моддии давлатӣ» пешниҳод шудааст.

Ҷоиз ба зикр аст, ки расо се сол қабл бо пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастгирии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қонуни мазкур тағйироту иловаҳо ворид шуда буд.

Таҷриба ва натиҷаи таҳлили фаъолияти сесолаи системаи захираи давлатӣ дар реҷаи нав нишон дод, ки ин тағйиру иловаҳо ба такрорёбии функсия ва вазифаҳо байни мақоми ваколатдор ва мақоми татбиқкунандаи сиёсат ва зиддиятҳои байнисоҳавӣ оварда, садди роҳи идоракунии самараноки соҳа шудааст.

Ин ҳолат дар раванди расонидани кӯмак ба зарардидагон дар ҳолатҳои фавқулодда, таъсир расонидан ба бозори дохилӣ тариқи интервенсияи молӣ, дастгирии соҳаҳои иқтисодиёт дар ҳолатҳои зарурӣ, навкунӣ ва ивазкунии сарватҳои моддии захираи давлатӣ, ки бо таври фаврӣ ҳал намудани масъаларо талаб менамояд, баръало ҳис карда мешавад.

Ҳамзамон бояд зикр намуд, ки мутобиқи ин амал, сарфи назар аз он ки идоракунӣ ва ба танзим даровардани соҳа ба зиммаи мақоми ваколатдори давлатӣ- Вазорати рушди иқтисод ва савдо вогузор шуда бошад ҳам, дар асл ин вазифаҳоро низ Агентӣ иҷро ва идоракунии соҳаро то ба имрӯз таъмин менамояд.

Бинобар ин, дар асоси қиёскунии ҳолати мавҷудаи идоракунии соҳаи захираи давлатӣ ва бо мақсади ихтисори такрорёбии вазифа ва функсияҳои мақомоти иҷроияи давлатӣ, инчунин таъҷилӣ ҳал намудани масъалаҳои идораи захираи давлатӣ вогузор намудани идоракунии захираи давлатӣ ба як мақоми давлатӣ дар асоси таҷрибаи дигар соҳаҳо мувофиқи мақсад буда ва дар ин асос лоиҳаи мазкур таҳия ва пешниҳод шудааст.

Зарурияти даровардани тағйиру иловаҳо ба қонуни мазкур аз такмил ва ба низом даровардани системаи идоравии захираи давлатӣ ва тақсими салоҳият, функсия ва вазифаҳо байни мақомоти давлатӣ дар идоракунии захираи давлатӣ мебошад.

Мутобиқи лоиҳаи қонуни пешниҳодшуда, ба моддаҳои 1, 4, 8,10, 12, 13 ва 16 тағйирот ворид гардида, моддаи 9 дар таҳрири нав ифода шуд.

Тағйиру иловаҳои дар лоиҳа пешниҳодгардида ба Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надорад, амалӣ намудани он хароҷоти иловагиро аз буҷети давлатӣ талаб накарда, баръакс бо ихтисори воҳидҳои сохтории Вазорати рушди иқтисод ва савдо ба сарфаи он оварда мерасонад.

Дар хотима ба ҳамаи вакилоне, ки дар таҳияи лоиҳаи қонуни мазкур саҳм гузоштаанд, миннатдории худро баён карда, аз шумо, вакилони арҷманд, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро дастгирӣ намоед.

**РАИС:**- Аз рӯйи ин масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Атохоҷа Баракатулло дода мешавад.

**Баракатулло АТОХОҶА: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи захираи моддии давлатӣ» пешниҳод шудааст.

Бо қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 майи соли 2012 таҳти №1280 лоиҳаи қонуни мазкур барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният, дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд.

Мутобиқи қонуни мазкур Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати ягонаи идоракунӣ ва танзими захираи давлатӣ, мақоми ваколатдор ва мақоми татбиқкунандаи сиёсат, тартиби идоракунии системаи захираи давлатиро муайян карда, низоми захираи давлатиро ташкил ва роҳбарии умумии низоми захираи давлатиро амалӣ менамояд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро омӯхта, онро ҷонибдорӣ карда, доир ба он хулосаҳои худро пешниҳод намуданд.



Аз кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кумитаи масъул 22 пешниҳод ворид гардид ва аз онҳо 12 пешниҳод пурра қабул гардида, як пешниҳод қисман қабул гардида, 9 пешниҳоди дигар қобили қабул ҳисобида нашуд.

Кумитаи масъул масъалаи зикргардидаро 31 майи соли 2012 дар ҷаласаи васеи худ бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ваАгентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор дода, лоиҳаи қонунро ҷонибдорӣ намуд.

Лоиҳаи қонуни пешниҳодгардида ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надошта, амалӣ намудани он аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагиро талаб намекунад.

Бинобар ин, аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи захираи моддии давлатӣ» ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста бо қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:**- Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон» сухан ба муовини раиси Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нозанинов Нусратулло Бодомовичдода мешавад.



**Нусратулло НОЗАНИНОВ: -Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ!**

Бо мақсади дар амал татбиқ намудани нишондодҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 апрели соли 2009 ва Нақшаи чорабиниҳо оид ба ҳалли қарзҳои хоҷагиҳои пахтакор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2009, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2007 таҳти рақми 111 тасдиқ шуда, инчунин тибқи супориши протоколӣ дар воҳӯрии намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шӯрои ҳамоҳангсозии донорон ва тибқи Нақшаи чорабиниҳо, ки аз ҷониби тарафҳои зикргардида мувофиқа шудааст, дар ҳамбастагӣ бо гурӯҳи корӣ оид ба такмили заминаи қонунгузории ислоҳоти замин бо иштироки намояндагони вазорату идораҳо ва Шӯрои ҳамоҳангсозии донорҳо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия гардид.

Мақсади асосии ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ҷорӣ намудани бозори ҳуқуқи истифодаи замин, заминаи ҳуқуқии пайдо намудан ва амалӣ гардидани он барои ислоҳоти минбаъдаи замин, бақайдгирии давлатии он ҳамчун молу мулки ғайриманқул ва инкишофи муносибатҳои бозоргонӣ мебошад.

Дар лоиҳаи қонуни мазкур ба Кодекси амалкунандаи замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 105 модда иборат аст, 10 моддаи нав илова шуда, ба 37 моддаи амалкунандаи он тағйиру иловаҳо ворид ва як модда хориҷ шудааст.

Дар маҷмӯъ, ҳадаф аз ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замин ин ҷорӣ намудани бозори ҳуқуқи истифодаи замин аст, ки дар боби 6- уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он» заминаи ҳуқуқии худро пайдо намудааст ва амалӣ гардидани он барои ислоҳоти минбаъдаи замин, бақайдгирии давлатии он ҳамчун молу мулки ғайриманқул, инкишофи муносибатҳои нави бозорӣ дар робита ба ҳуқуқи истифодаи замин равона карда шудааст.

Дар лоиҳаи қонуни мазкур вобаста ба масъалаи замин муносибатҳои нави ҳуқуқии зерин пешбинӣ шудааст:

1. Ҳуқуқи истифодаи замин, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳуқуқи бемузд ё музднок бегона карда мешавад, предмети муносибатҳои бозоргонӣ мегардад (яъне ҳуқуқи истифодаи замин метавонад ба сифати предмети хариду фурӯш, тӯҳфа, иваз, иҷора, гарав ва дигар аҳдҳо баромад намояд ва ё мерос ба дигар шахс гузарад) (моддаи $2^2$, зербанди «и» моддаи 5, зербанди «з» моддаи 7).

2. Ду шакли ба даст овардани ҳуқуқи истифодаи замин аз давлат бо ҳуқуқи бегона намудан муқаррар карда мешавад: бемузд дар доираи меъёрҳои муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва музднок бо пешбинии пардохти маблағи муайян ба давлат (моддаҳои $2^2$ ва зербанди «и» моддаи 5).

3. Бо мақсади таъмини адолати иҷтимоӣ ва роҳ надодан ба инҳисори (монополизм) ҳадди ниҳоӣ ва ақаллии андозаи қитъаҳои замин муайян карда мешавад, ки ҳуқуқи истифодаи онҳо аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мумкин аст бегона карда шавад (моддаҳои 22 ва $18^1$).

4. Бо мақсади ба даст овардани ҳуқуқи истифодаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ ҳифз ва танзим карда мешавад (моддаҳои $17^1$ ва 25).

5. Оид ба муайян намудани сервитутҳои оммавӣ (маҷбурӣ) ва хусусӣ (ба розигӣ асосёфта) зимни истифодаи қитъаи замин ба низом дароварда мешавад (моддаи $10^1$).

6. Принсипи тақсимшаванда ва тақсимнашавандаи қитъаи замин ҷорӣ карда мешавад (моддаи $18^1$).

7. Барои таъмини адолати иҷтимоӣ, дар ҳолати додани қитъаҳои замин бо ҳуқуқи бегона намудан, принсипҳои гендерӣ ба инобат гирифта шудаанд (моддаҳои $1^3$, 7 ва 10).

Гурӯҳҳои заминҳо, мӯҳлатҳо ва тартиби ворид намудани замин ба муомилот дар бозори замин ва механизми амалӣ намудани тартиби бадастоварии ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудан дар бозори замин аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Дар баробари ин, ба заминистифодабарандагон, ки қаблан ҳуқуқи истифодаи заминро гирифта буданд, ягон таъсир расонида намешавад, чунки ҳуқуқҳои онҳо нигоҳ дошта шуда, ҳуқуқи истифодаи бемӯҳлат, мӯҳлатнок ва якумраи меросии қитъаи замин дар амал монда мешавад.

Баъди қабули лоиҳаи қонуни мазкур дар асоси моддаҳои иловашаванда ва дар таҳрири нав пешниҳодшаванда (моддаҳои 6, $10^1$, $17^1$, $17^2$, $18^1$, 22, 27 ва 33) – 8 санади меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда, ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи заминсозӣ», «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ», «Дар бораи баҳои замин», «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он» ва «Дар бораи ипотека» тағйиру иловаҳо ворид карда мешаванд.

Қабули лоиҳаи қонуни мазкур баҳри амалигардонии ислоҳоти соҳаи замин дар шароити бозоргонӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ, истифодаи замин ва паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолии деҳот равона карда мешавад.

Бинобар ин, аз шумо, вакилони гиромӣ, хоҳиш менамоем, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Оид ба ҳамин масъала сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ ва экология Ҳисориев Маҳмадамин Исматович дода мешавад.



**Маҳмадамин ҲИСОРИЕВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели соли 2012 таҳти рақами № 1161 барои додани хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ ва экология, дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд.

Мақсад аз ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорӣ намудани бозори ҳуқуқи истифодаи замин аст, ки дар боби 6-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он» заминаи ҳуқуқии худро пайдо намуда, барои амалӣ гардонидани он ҳамчун молу мулки ғайриманқул, инкишофи муносибатҳои нави бозорӣ дар робита ба ҳуқуқи истифодаи замин равона карда шудааст. Ҳамчунин мутобиқи Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботи моддаи 34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мафҳумҳои Кодекси мазкур бо мафҳумҳои дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» ва дар қисми якуми моддаи 55-уми ҳамин Кодекс калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба заминсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти он дар маҳалҳо мувофиқан ба калимаҳои «мақомоти ваколатдори батанзимдарории муносибатҳои вобаста ба замин ва сохторҳои маҳаллии он» иваз карда шудааст.

Дар лоиҳаи қонуни мазкур оид ба масъалаи замин, муносибатҳои нави ҳуқуқии истифодабарии он пешбинӣ карда шудааст:

- ҳуқуқи истифодаи замин, ки аз ҷониби давлат бо ҳуқуқи бе музд ё музднок бегона намудан дода мешавад, предмети муносибатҳои бозоргонӣ мегардад (ҳуқуқи истифодаи замин метавонад бо сифати предмети хариду фурӯш, тӯҳфа, иваз, иҷора, гарав ба мерос гузоштан ва ғайра);

- ду шакли ба даст овардани ҳуқуқи истифодаи замин аз давлат бо ҳуқуқи бегона намудан муқаррар мешавад: бе музднок дар доираи меъёрҳои муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва музднок бо пешбинии пардохти маблағи муайян ба давлат;

- бо мақсади таъмини адолати иҷтимоӣ ва роҳ надодан ба монополизм ҳадди ниҳоӣ ва ақаллии андозаи қитъаҳои замин муайян карда мешавад, ки ҳуқуқи истифодаи онҳо аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мумкин аст бегона карда шавад;

- ба даст овардани ҳуқуқи истифодаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ ҳифзу таъмин карда мешавад;

- оид ба муайян намудани сервитутҳои оммавӣ (маҷбурӣ) ва хусусӣ (бо розигии асосёфта) зимни истифодаи замин ворид карда мешавад;

- бо мақсади роҳ надодан ба хориҷ гардидани замин аз гардиши кишоварзӣ, принсипи тақсимшаванда ва тақсимнашавандаи қитъаи замин ҷорӣ карда мешавад;

- барои таъмини адолати иҷтимоӣ дар ҳолати додани қитъаҳои замин бо ҳуқуқи бегона намудан принсипҳои гендерӣ ба инобат гирифта шудаанд.

Дар лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Кодекс моддаҳои $1^1$ , $1^2$, $1^3$, $2^1$, $2^2$, $10^1$ $17^1$, $17^2$, $18^1$, қисми 3 моддаи $27^1$ ва моддаи $38^2$ дорои мазмуни зайл илова карда шаванд:

«Моддаи $1^1$. Муносибатҳое, ки қонунгузории замин танзим менамояд

Қонунгузории замин муносибатҳоро вобаста ба истифодабарӣ ва ҳифзи замин, инчунин муносибатҳои молумулкиро дар соҳаи заминистифодабарӣ, ки вобаста ба гирифтани (ба даст овардани) ҳуқуқи бегона намудани ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин ба миён меоянд, ба танзим медарорад

Моддаи $1^2$. Мафҳумҳои асосӣ

Моддаи $1^3$. Принсипҳои асосии қонунгузории замин

Моддаи $2^1$. Объекти муносибатҳои вобаста ба замин

Моддаи $2^2$. Ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин ҳамчун объекти ҳуқуқи гражданӣ

Моддаи $10^1$. Ҳуқуқи маҳдуди истифодабарии қитъаҳои замини дигар заминистифодабарандагон

Моддаи $17^1$. Асосҳо барои пайдо кардани ҳуқуқ ба истифодабарии қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он

Моддаи $17^2$. Маҳдудиятҳо оид ба вогузоштани ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он

Моддаи $18^1$. Қитъаҳои замини тақсимшаванда ва тақсимнашаванда

Дар қисми сеюми моддаи $27^1$ бо мазмуни зайл илова карда шуд:

«Агар қисми қитъаи замин ҳамчун қитъаи замини алоҳида тақсим нагардида, ҳуқуқи истифодабарӣ бо ҳуқуқи бегона намудани он тибқи ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирии давлатӣ тасдиқ нашуда бошад, гарави ҳуқуқи истифодабарии он иҷозат дода намешавад.»;

Моддаи $38^2$. Асосҳо ва тартиби ихтиёран даст кашидани шахс аз ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуда, барои такмили он 112 пешниҳод ирсол намуданд, ки аз ин пешниҳодҳои воридгардида 69-тояш қабул, 16-тоаш қисман қабул гардид ва 27 – тояш қабул нашуд.

Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ ва экология лоиҳаи қонуни мазкурро аввал дар Кумита мавриди таҳлили ҳаматарафа қарор дода, дар маҷмӯъ, онро ҷонибдорӣ намуд ва 30 майи соли 2012 дар ҷаласаи васеъ бо иштироки намояндагони дигар кумитаҳо, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндагони Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода, тағйиру иловаҳои воридгардида аз ҷониби иштирокчиёни ҷаласа дастгирӣ ёфтанд.

Мӯҳтарам Раис, таклифу эродҳое, ки шумо дар Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи 4 июни соли 2012 ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуда будед, дар мувофиқа бо субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, шӯъбаи тарҷума, таҳрир ва нашр ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон қабул карда шуданд.

Ҳаминро бояд зикр намуд, ки қабули лоиҳаи қонуни мазкур баҳри амалигардонии ислоҳоти бозоргонӣ дар масъалаи заминистифодабарӣ ва иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ, беҳбудии истифодаи замин ва паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолии деҳот равона гардидааст. Гурӯҳҳои заминҳо, мӯҳлатҳо ва тартиби ворид намудани замин ба муомилот дар бозори замин аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Дар баробари ин, заминистифодабарандагон, ки қаблан ҳуқуқи истифодаи заминро гирифта буданд, ҳеҷ гуна зарар намебинанд, чунки ин ҳуқуқҳои онҳо нигоҳ дошта шуда, ҳуқуқҳои истифодаи бемӯҳлат, мӯҳлатнок ва якумраи меросии қитъаи замин дар амал монда мешавад.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад ва аз буҷети давлатӣ маблағгузории иловагиро талаб намекунад.

Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои аграрӣ ва экология, бо назардошти хулосаҳои кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро ба баррасии шумо, мӯҳтарам вакилон, пешниҳод намуда, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки онро дастгирӣ намоед.

Дар муҳокмиаи лоиҳаи қонуни мазкур вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шодӣ Шабдолов, Исмоил Талбаков, Сӯҳроб Шарипов иштирок карда, ба якчанд моддаҳои лоиҳаи қонуни мазкур пешниҳодоти худро иброз доштанд.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста бо қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

Ҷаласаро Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷамъбаст намуд.

***Ҷумъахон НАБОТОВ, Абдулмаҷид МУРОДОВ, «Садои мардум». Суратгир Аҳлиддин ИСОЕВ***

# АЗ НОМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ҚАРОРИ
## СУДИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**оид ба парванда аз рӯйи дархости шаҳрванд Бобоев Ҷ. «Дар бораи муайян намудани мутобиқати сархати 8 қисми 2 моддаи 42 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба моддаҳои 17 ва 21 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

***шаҳри Душанбе, 15 майи соли 2012***

Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати раисикунанда - раиси Суди конститутсионӣ Маҳмудов М.А., муовини раис Назаров М., судя-котиб Каримов К.М., судяҳо Абдуллоев А.А., Абдуллоев Л.И. ва Гулзорова М.М.,

бо иштироки котиби маҷлиси судӣ Ботирова Г.,

**тарафҳо:**

Бобоев Ҷурабой тавассути адвокатҳои ваколатдори ӯ- Романов С.Т. ва Шарипов А. П. - тарафе, ки дар асоси дархости ӯ мурофиаи судии конститутсионӣ оғоз карда шудааст;

**Гиёев С.Н.** - намояндаи ваколатдори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Суди конститутсионӣ, **Илолов М.И.** - намояндаи ваколатдори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Суди конститутсионӣ, **Шоназаров С.А.** - намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон - намояндагони тарафҳое, ки конститутсионӣ будани қонуни қабул, ҷонибдорикарда ва ба имзорасонидаи онҳо мавриди баҳс қарор дода шудааст;

**даъватшудагон:**

1) **Орипов Н.М.** - муовини аввали вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2) **Қодиров А.С.**- муовини аввали вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

3) **Гулматшоев Р.К.** - муовини прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

4) **Исоқов А. Н.** - муовини аввали раиси Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

5) **Азаматов В. А.** - муовини аввали директори Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

6) **Бандишоев М. Р.** - муовини директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

7) **Каримов М.** - судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

8) **Тавуров А.Ғ.** - муовини сардори Раёсати тафтишоти Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

9) **Баротов М.Х.** - сардори шӯъбаи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

10) **Бадриддинова Р.Ҳ.** - мудири шӯъбаи дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон,

дар асоси моддаи 89 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаҳои 14 ва 37 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар мурофиаи ошкорои судӣ парвандаро аз рӯйи дархости шаҳрванд Бобоев Ҷ. «Дар бораи муайян намудани мутобиқати сархати 8 қисми 2 моддаи 42 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба моддаҳои 17 ва 21 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон» баррасӣ намуда, гузориши судя-котиби Суди конститутсионӣ К.Каримов, баёноту хулосаи тарафҳо ва баромади даъватшудагонро шунида, маводи парванда ва дигар ҳуҷҷатҳои воридшударо таҳқиқ намуда,

**м у а й я н к а р д:**

Шаҳрванд Бобоев Ҷурабой бо дархост ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намуда, дар он қайд менамояд, ки 19 феврали соли 2010 писари ӯ -Бобоев И.Ҷ. дар ҳудуди шаҳри Исфара аз тарафи кормандони Раёсати мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккили Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (РМЗҶМ ВКД ҶТ) дар вилояти Суғд дастгир карда, ба шаҳри Хуҷанд оварда шуд. Дар вақти пурсиш, бинобар аз тарафи кормандони мақомоти зикршуда содир кардани ҳаракатҳои ғайриқонунӣ, писараш аз ҷароҳатҳои гирифтаи ҷисмонӣ вафот намудааст.

Оид ба ҳодисаи содиршуда 25 марти соли 2010 аз ҷониби Прокуратураи вилояти Суғд нисбат ба кормандони Раёсати мазкур Акбаров М.Г. ва Шокиров Ф.Ф. бо қисми 1 моддаи 104, қисми 3 моддаи 316, 247 ва 250-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҷиноятӣ оғоз шуда, ӯ намояндаи ҷабрдидаи фавтида эътироф гардидааст.

Баъд аз гузаронидани як қатор амалҳои тафтишӣ 25 июни соли 2010 тафтиши пешакӣ оид ба парвандаи мазкур боздошта шуд.

Муроҷиаткунанда қайд менамояд, ки ӯ ҳамчун намояндаи фавтида аз амалҳои тафтишии гузаронидашуда, маҷмӯи далелҳои ҷамъовардашуда ва қабули қарор дар бораи боздоштани тафтиши пешакӣ ягон иттилоот надорад. Дархостҳояш дар хусуси пешниҳод намудани маводҳои парвандаи ҷиноятӣ барои шиносшавӣ аз тарафи мақомоти тафтиш, бо назардошти муқаррароти сархати 8 қисми 2 моддаи 42 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тибқи он:

«Ҷабрдида, намояндаи қонунӣ ва намояндаи ӯ ҳуқуқ доранд:

- пас аз анҷоми тафтиш бо ҳамаи маводи тафтишот шинос шаванд, аз онҳо ҳама гуна маълумотро ба андозаи гуногун барои худ рӯйнавис кунанд», рад карда шуданд.

Баъдан, ӯ барои ҳимояи манфиатҳои қонуниаш адвокатҳои ваколатдор - Шарипов А. П. ва Романов С.Т.- ро ҷалб намудааст, ки онҳо 7 октябри соли 2011 бо пешниҳод намудани ордерҳо ба кор ворид гардида, бо аризаи шикоятӣ дар хусуси пешниҳод намудани маводҳои парвандаи ҷиноятӣ барои шиносоӣ ба Прокуратураи вилояти Суғд ва Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намудаанд.

Тибқи мактуби ҷавобии Прокуратураи вилояти Суғд аз 10 декабри соли 2011 таҳти №18/156-11, номбурда ҳуқуқи пурра бо маводи парвандаи ҷиноятӣ шинос шуданро баъд аз ба итмом расидани тафтиш пайдо мекунад.

Ба андешаи муроҷиаткунанда ва адвокатҳои ваколатдор, сархати 8 қисми 2 моддаи 42 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ҷабрдидагон, аз ҷумла ба ӯ ҳамчун намояндаи ҷабрдида имконият намедиҳад, ки аз оғози тафтиши пешакӣ то ба анҷом расидани он бо маводи парвандаи ҷиноятӣ шинос шуда, ҳуқуқҳои конститутсионии худро оид ба баробарии ҳама дар назди қонун ва суд ва кафолати ҳифзи судӣ амалӣ намояд.

Бо ин назардошт, номбурда ба Суди конститутсионӣ муроҷиат карда, хоҳиш намудааст, ки дар асоси дархости ӯ мурофиаи судии конститутсионӣ оғоз карда шуда, мутобиқати сархати 8 қисми 2 моддаи 42 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба моддаҳои 17 ва 21 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шавад.

Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дархости зикргардидаро мавриди баррасӣ қарор дода, қайд менамояд, ки танзими ҳамаҷониба ва фарогири пешбурди мурофиаи судии ҷиноятӣ ва дар ин замина дуруст муайян намудани ҳолати ҳуқуқии иштирокчиёни он, аз ҷумла ҷабрдида, ки ба ӯ аз ҷинояти содиршуда зарари ҷисмонӣ, моддӣ ва маънавӣ расонида шуда, ҳуқуқу манфиатҳояш зери таҳдиди бевоситаи сӯиқасд ба ҷиноят қарор мегирад, яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти меъёрэҷодкунии давлат ба шумор меравад.

Чунин амали давлат муҳимтарин кафолати таъмини ҳуқуқу ӯҳдадориҳои иштирокчиёни мурофиаи судӣ арзёбӣ гардида, он ба муқаррароти санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба адолати судӣ, алалхусус ба Эъломияи принсипҳои асосии адолати судӣ барои ҷабрдидаҳо аз ҷиноятҳо ва сӯистифода аз ҳокимият, ки 29 ноябри соли 1985 аз тарафи Ассамблеяи Генералии СММ қабул шудааст, асос ёфтааст.

Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари ба ҳар кас додани кафолати ҳифзи судӣ ва танзими умумии масъалаҳои ҷиноят ва ҷазо, ба ҳолати ҳуқуқии ҷабрдидагони ҷиноят низ бетафовут набуда, пешбинӣ менамояд, ки ҳуқуқи ҷабрдидаро қонун ҳифз менамояд ва давлат ҳифзи судӣ ва ҷуброни зарарро барои ӯ кафолат медиҳад.

Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 1 апрели соли 2010 мавриди амал қарор дорад, бо мазмуну мундариҷаи худ низ талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикршударо пурра инъикос менамояд.

Тибқи Кодекси мазкур, вазифаҳои пешбурди мурофиаи судии ҷиноятӣ аз муқаррар намудани тартиби пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, ҳалли одилонаи масъалаҳои баррасишаванда дар тафтишот ва суд, инчунин риоя намудани меъёрҳои мурофиавӣ ҳангоми татбиқи қонуни ҷиноятӣ иборат буда, барои ҳамаҷониба, пурра, холисона ва беғаразона муайян намудани ҳолатҳои кор ва ба амал баровардани адолати судӣ равона карда шудааст.

Вобаста ба ин, Суди конститутсионӣ қайд менамояд, ки тартиби пешбининамудаи сархати 8 қисми 2 моддаи 42 Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ, ки мутобиқати он ба моддаҳои 17 ва 21 Конститутсия мавриди баҳси муроҷиаткунанда қарор дода шудааст, бо назардошти хусусияти мурофиаи ҷиноятӣ наметавонад ҳамчун ҳолати маҳдудкунандаи ҳуқуқи ҷабрдида ба гирифтани иттилоот оид ба парвандаи ӯ арзёбӣ гардад, зеро қонунгузор вобаста ба мавзӯи мурофиаи ҷиноятӣ, яъне баррасии ҷиноят ва ошкор кардани он, инчунин таъмин намудани адолати судӣ, ки қисмати муҳими адолати иҷтимоӣ дар ҷомеа ба шумор меравад, тартибе муқаррар кардааст, ки он бояд барои пурра, объективона ва холисона муайян намудани ҳолатҳои кор, айбдоркунии шахси ба ҷавобгарӣ кашидашуда ва барқарор намудани зарари ба ҷабрдида расонидашуда мусоидат карда тавонад.

Тартиби мазкур инъикоси манфиат, ҳуқуқу ӯҳдадориҳои тамоми иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, аз ҷумла ҷабрдида буда, амалӣ намудани онро бе таъмини махфияти тафтиш тасаввур кардан мумкин нест.

Дар давоми тафтиши пешакӣ шинос намудани иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ бо маводи тафтиш - ин амалан вайрон ва фалаҷ гардидани раванд ва тартиби ҷамъоварии далелҳо, исботкунии гуноҳ ва ҷинояти содиргардида мебошад. Дар ин ҳолат тафтиши пешакӣ ҳамчун зинаи муҳими мурофиаи ҷиноятӣ аз амалӣ намудани вазифаҳо ва мақсади пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ маҳрум гардида, аҳамияти ҳуқуқӣ ва иҷтимоии худро аз даст медиҳад.

Ба ғайр аз ин, таъмини муқаррароти пешбининамудаи Конститутсия дар хусуси кафолати ҳифзи судӣ ва ҳифзи ҳуқуқи ҷабрдида, ҳамчунин амалӣ намудани талаботи Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ, ки тибқи он мурофиаи ҷиноятӣ инсон ва шаҳрвандро аз айбдоркунӣ ва маҳкумкунии беасос, ғайриқонунӣ маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои ӯ ҳимоя мекунад ва дар ҳолати гунаҳгор донистан ё маҳрум намудани шахси бегуноҳ ӯро бетаъхир сафед менамояд, имконнопазир мегардад.

Тартиби пешбининамудаи сархати 8 моддаи зикршудаи Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ, инчунин ба муқаррароти моддаи 25 Конститутсия, ки бо он алоқамандии мантиқӣ ва мавзӯӣ дорад, низ мухолиф нест.

Моддаи зикршуда пешбинӣ менамояд, ки «мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва шахсони мансабдор вазифадоранд ба ҳар кас имконияти пайдо намудан ва шинос шуданро ба ҳуҷҷатҳое, ки ба ҳуқуқ ва манфиати ӯ дахл доранд, таъмин намоянд, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонун муайян кардааст».

Конститутсия ба ҳар кас имконияти пайдо намудан ва шинос шуданро ба ҳуҷҷатҳое, ки ба ҳуқуқ ва манфиати ӯ дахл доранд, кафолат дода, ҳамзамон нисбати ин ҳуқуқи шаҳрвандон ҳолатҳои истисноӣ низ пешбинӣ менамояд, ки муайян намудани ҳолатҳои мазкурро ба қонун ҳавола кардааст. Марҳилаи тафтиши пешакӣ низ аз ин ҳолати истисноӣ берун буда наметавонад.

Бояд зикр кард, ки қонунгузор дар моддаи 177 Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ фош кардани маълумоти тафтиши пешакиро нораво эъ лон намуда, муфаттишро вазифадор намудааст, ки ҷиҳати таъмини махфият ва фош накардани маълумоти тафтиши пешакӣ чораҳои дахлдор андешад.

Чунончӣ, аз иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, аз ҷумла аз ҷабрдида гирифтани забонхатро дар бораи фош накардани маълумоти тафтиши пешакӣ, инчунин ба ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррарнамудаи моддаи 361 Кодекси ҷиноятӣ кашидани шахсони вайронкунандаи забонхатро пешбинӣ намудааст.

Ҳамин тариқ, бо маводи тафтишот пас аз анҷоми тафтиш шинос шудани ҷабрдида - ин манъ ва маҳдуд намудани ҳуқуқи ҷабрдида ба шиносшавӣ бо маводи тафтишот набуда, таъмини баробарҳуқуқии ҷабрдида бо дигар иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ мебошад. Он минбаъд асос ва заминаи кафолати ҳифзи судӣ ба шумор меравад, ки тавассути мурофиаи ошкорои судӣ, мубоҳиса ва баробарии тарафҳо сурат мегирад.

Аз ҷониби дигар, пас аз анҷоми тафтиш шинос шудани ҷабрдида бо тамоми маводи тафтишот, аз он рӯйнавис кардани маълумоти зарурӣ, пешниҳод намудани дархост дар бораи пурра намудани тафтиш, ҳатмӣ будани арзи дархости ҷабрдида ва баррасии он, ҳақ надоштани муфаттиш ба рад намудани дархости ҷабрдида дар бораи муайян намудани ҳолатҳое, ки барои парванда аҳамиятнок мебошанд, огаҳ намудани ҷабрдида барои шинос шудан бо маводи тафтиши иловагӣ ва бо натиҷаи тафтиши иловагӣ шинос намудани ҷабрдида - маҷмӯи кафолатҳои пешбининамудаи ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ мебошад, ки онҳо барои амалӣ намудани ҳуқуқи конститутсионии ҷабрдида равона карда шудаанд.

Бинобар ин, Суди конститутсионӣ, бо назардошти ҳолатҳои дар боло зикршуда, сархати 8 қисми 2 моддаи 42 Кодекси мурофиавии ҷиноятиро ба моддаҳои 17 ва 21 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ меҳисобад.

Ҳамзамон Суди конститутсионӣ қайд менамояд, ки Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти худ риояи бечуну чарои талаботи моддаи 18 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки тибқи он «Ба ҳеҷ кас шиканҷа, ҷазо ва муносибати ғайриинсонӣ раво дида намешавад» таъмин намуда, ҷиҳати ошкор кардани ҷинояти зикршуда ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани гунаҳгорон чораҳои дахлдори пешбининамудаи қонунгузориро андешанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло, мувофиқи моддаи 89 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаҳои 14, 36, 37, 46,47, 48, 50 ва 54 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**қ а р о р к а р д:**

1. Сархати 8 қисми 2 моддаи 42 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба моддаҳои 17 ва 21 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад.

2. Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти худ риояи бечуну чарои талаботи моддаи 18 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки тибқи он «Ба ҳеҷ кас шиканҷа, ҷазо ва муносибати ғайриинсонӣ раво дида намешавад» таъмин намуда, ҷиҳати ошкор кардани ҷинояти зикршуда ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани гунаҳгорон чораҳои дахлдори пешбининамудаи қонунгузориро андешанд.

3. Қарор қатъӣ буда, аз рӯйи он шикоят овардан мумкин нест ва аз рӯзи қабулаш қувваи қонунӣ пайдо мекунад.

4. Қарори мазкур дар Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, рӯзномаҳои «Ҷумҳурият», «Садои мардум», «Народная газета» ва Ахбори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр карда шавад.

**Раиси**
**Суди конститутсионии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон М.МАҲМУДОВ**

**Судя-котиби**
**Суди конститутсионии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон К.КАРИМОВ**

---

**● Дар партави Паёми Президент**

# ДАСТГИРИИ ТАШАББУСҲО БА МАНФИАТИ КОР АСТ,

***-мегӯяд директори генералии ҶДММ «Рухом» Муфараҳ Муҳаббатов***

Вақте тасмими сӯҳбатро бо директори генералии ҶДММ «Рухом» Муфараҳ Муҳаббатов бобати бардоштҳояш аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2012 гирифтам, гумони ғолиб он буд, ки сӯҳбат қолабӣ хоҳад шуд, вале аз лаҳзаҳои аввали дидор бо номбурда дарк намудам, ки андешаам ботил будааст. Зеро ҳамсӯҳбатам аз зумраи он соҳибкороне нест, ки соҳибкориро танҳо ба хариду фурӯш мансуб дониставу манфиати шахсиро болотар аз манфиатҳои миллӣ гузорад. Сӯҳбаташ низ хеле ҷолиб буд. Маълум шуд, ки мавсуф то соли 1994 дар Федератсияи Россия ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул будаасту аз ин касби хеш даромади хубе низ доштааст.

-Соли 1994, вақте баҳри таъсиси ширкати «Рухом» иқдом намудам, баъзеҳо аз ақл бегонаам мехонданд, чунки он замон на ҳар кас барои роҳандозии фаъолияти соҳибкорӣ, ба вижа соҳибкории истеҳсолӣ ҷуръат мекард, -мегӯяд Муфараҳ Муҳаббатов. -Хушбахтона, вақт собит намуд, ки роҳи пешгирифтаи мо дуруст будааст ва айни замон ифтихормандам, ки иқдоми банда боиси соҳиби ҷойи кори хуб шудани садҳо нафар ва ғановати буҷети давлатӣ гардид.

Ҳамсӯҳбатам ҳамасола ирсол гардидани Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро ба мақоми олии қонунгузори мамлакат - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шумори рӯйдодҳои муҳими ҷомеа медонад.

-Шукрона аз он менамоем, ки,- афзуд Муфараҳ Муҳаббатов,- мо- соҳибкорон дар симои Роҳбари хирадсолори давлатамон Эмомалӣ Раҳмон пуштибонӣ ёфта истодаем, вагарна бар асари «бархӯрди» нодурусти баъзе соҳибмансабон, ки рисолати хешро танҳо дар гузаронидани санҷишу назорати беасос ва эҷоди монеаҳои сунъиву бюрократӣ мебинанд, ҳоламон табоҳ мешуд.

Роҳбари мамлакат зимни ирсоли Паёмашон хеле бамаврид чунин зикр карданд: «Хотирнишон месозам, ки бозори дохилӣ барои пешбурди соҳибкорӣ ва сармоягузории мустақим бояд ҷалбкунанда бошад ва дар он истеҳсолкунанда ва истеъмолкунандагони молу маҳсулот озодона фаъолият намуда, ба ҳар гуна монеаҳои сунъиву бюрократӣ ва фишори назорату тафтишоти маъмурӣ дучор нагарданд».

Таҷрибаи ҷаҳонӣ далел аст, ки дастгирии ташаббусҳои соҳибкорон аз ҷониби давлат ҳамеша ба манфиати кор буда, пешрафти бемайлони як қатор давлатҳои мутараққии олам низ ба ин омил рабт дорад. Эътироф бояд кард, ки ҳоло низ ҳолатҳои назорату тафтишоти беасос аз ҷониби сохторҳои назоратӣ ҷой доранд. Мо ба ҳеҷ ваҷҳ даъвои онро надорем, ки онҳо набошанд, баръакс, агар чунин санҷишҳо ва раванди назорат воқеъбинона ва ғайримуғризона, тибқи талаботи қонунгузорӣ, сурат гирад, барои ҳар ду ҷониб манфиатовар мебуд.

Рӯйдоди фараҳбахши дигар барои мо, соҳибкорон, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, дастурҳои Сарвари давлат ба сохторҳои марбута барои таҳияи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ» дар таҳрири нав махсуб меёбад. Иқдоми мазкур, пеш аз ҳама, ба танзими фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ мутобиқ гардонидани қонунгузорӣ, аз ҷумла кам намудани шумораи мақомоти назоративу санҷишҳо, нигаронида шудааст. Аз ҷониби Сарвари хирадсолори давлатамон ибрози он ки: «Таҳлилҳо собит месозанд, ки Қонуни амалкунандаи мамлакат «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» ба талаботи муосир пурра ҷавобгӯй нест ва шумораи зиёди мақомоти назоратӣ ва санҷишҳои беасос, ки мушоҳида мегарданд, ҳанӯз ҳам боиси ташвиши соҳибкорон мебошад»-далели возеҳи нигаронкунанда будани вазъ дар ин ҷода аст.

Дар ҳамин радиф, дастури Сардори давлат зимни ирсоли Паёмашон бобати таҳияи лоиҳаи Кодекси андози мамлакат дар таҳрири нав низ аз лиҳози моҳият хеле саривақтӣ аст.

Бо назардошти ин, зимни ирсоли Паёми имсолаашон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дастур доданд: «Бо мақсади дастгирии молистеҳсолкунандагон ва зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти дохилӣ дар лоиҳаи Кодекси андоз аз номгӯйи андозҳо андоз аз фурӯши чакана пурра ихтисор ва воридоти тамоми номгӯйи таҷҳизоти технологии ҳозиразамон аз ҳамаи намудҳои андоз ва пардохти гумрукӣ озод карда шавад». Мо, соҳибкорон, вазифадор ҳастем, ки фарҳанги андозсупориро риоя карда, бо амри дилу виҷдон ӯҳдадориҳои худро дар назди буҷети давлатӣ сари вақт иҷро намуда, ҳамзамон фаъолияти эҳсонкориамонро низ вусъат хоҳем бахшид, -изҳор намуд мусоҳибам.

ҶДММ «Рухом» яке аз муаррификунандагони ватанамон дар хориҷи кишвар маҳсуб меёбад, зеро сангҳои қиматбаҳои Тоҷикистон, ки аксарашон дар ҷаҳон назир надоранд, ба шарофати коркарду тайёр намудани маҳсулоти гуногун аз ҷониби ҶДММ «Рухом» чун корти муаррификунандаи кишвари азизамон эътироф шудааст. Иштироки ширкати мазкур дар тамоми чорабиниву намоишгоҳҳои байналмилалӣ аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон далели возеҳи ин нукта мебошад. Маҳсулоти баландсифати ин коргоҳ борҳо бо ҷоизаву дипломҳои байналмилалӣ қадр шудаасту дар дохил ва хориҷи кишвар харидори зиёд дорад.

Яке аз омилҳои асосии пешрафти ширкат ба кордониву мутахассиси соҳа будани Муфараҳ Муҳаббатов рабт дорад, зеро мавсуф дар соҳа шахси тасодуфӣ набуда, хатмкардаи факултети геологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буда, соҳиби унвони илмии номзади илмҳои геология ва минералогия мебошад.

Номбурда дар анҷоми сӯҳбат гуфтаҳои иқтисодшиноси маъруфи англис Адам Смитро иқтибос оварда, ки гуфтааст: «Шахс барои манфиати худ кор карда, ҳис намекунад, ки ба ҷомеа ин қадар манфиат овардааст».

***Далер МЕРГАНОВ, «Садои мардум»***

---

**● Дурнамои ҳамкориҳо**

# ЭҲЁИ ДӮСТИИ КУҲАН

**6 июни соли 2012 Тоҷикистон ва Покистон 20-умин солгарди равобити дипломатиро миёни ҳар ду кишвар арҷ гузоштанд. Собиқаи тамаддуни муштарак ва решаҳои амиқи фарҳангии ду миллат бошад, ба фаротар аз садсолаҳо мерасад.**

Соҳибистиқлолӣ барои мардуми шарифи Тоҷикистон имкон фароҳам овард, ки дар ин дунёи пурталотум роҳи хоса ва мартабаву манзалати шоистаи хешро пайдо кунад, сарзамини куҳанбунёдашро ба оламиён муаррифӣ намояд, ба сулҳу ваҳдати миллӣ ноил гашта, онро таҳким бахшад ва дар ин заминаи мустаҳкам ба шоҳроҳи рушду тараққӣ ва бунёдкориву созандагӣ барояд.

Зери сарварии фарзанди фарзонаи миллат Эмомалӣ Раҳмон ба мо муяссар шуд, ки асосҳои сиёсати хориҷии кишварамонро шакл бахшем, пойдор намоем ва анъанаҳои арзишманди онро муайян созем. Маҳз сиёсати «дарҳои кушода» ба эҳёи равобити қадимаи фаромӯшшуда ва дарёфти шариконии ҷадид дар арсаи байналмилалӣ мусоидат намуда, барои рушди кишвар имкониятҳои нав ба вуҷуд овард. Ҷоиз ба зикр аст, ки дар ҳама ҳолат ва дар ҳар гуна вазъият ҳимоя ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ иборат аз таъмини истиқлолияту тамомияти арзӣ ва суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ ва рушди устувори кишвар меҳвари фаъолияти Ҳукумати кишварро ташкил медиҳад.

Собиқаи тамаддуни муштарак, пайвандҳои таърихӣ ва решаҳои амиқи фарҳангии миллати мо бо мардуми кишварҳои зиёди ҷаҳони муосир заминаҳои устувор ва омилҳое буданд, ки Тоҷикистонро аз нахустин рӯзҳои истиқлолияташ ба раванди муносибатҳои нави байналмилалӣ фаъолона пайвастанд. Тоҷикистони навин бо такя ба арзишҳои волову ғановатманди худ ва бар пояи усули пазируфташудаи муносибот дар арсаи байналмилалӣ ҳамкории васеъ, муассир ва созандаро дар сатҳи дуҷонибаву бисёрҷониба бо тамоми кишварҳои дунё ба роҳ монд.

Ҷумҳурии Исломии Покистон аз ҷумлаи он давлатҳое мебошад, ки яке аз аввалинҳо шуда, Истиқлолияти давлатии Тоҷикистонро ба расмият шинохт ва 6 июни соли 1992 муносибатҳои дипломатиро бо кишварамон барқарор намуд.

Муносибатҳои дӯстонаи Тоҷикистону Покистон таърихи дерина доранд. Аз ин рӯ Ҷумҳурии Исломии Покистон ҳанӯз дар марҳилаи аввали муносибатҳои дипломатиаш бо кишвари мо барои роҳандозии ҳамкориҳо дар бахши энергетика иқдом намуда буд.

Далели возеҳи ин соли 1992 ба имзо расидани Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ дар бахши энергетика махсуб меёбад, ки дар заминаи он интиқоли 1000 мегаватт неруи барқ ба Ҷумҳурии Исломии Покистон ва бунёди хати баландшиддати интиқоли барқ тавассути Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ба нақша гирифта шуда буд.

Муколамаи пайвастаи сиёсӣ, аз ҷумла мулоқотҳои мунтазами



роҳбарияти ду кишвар, омили муҳим дар раванди густариши робитаҳои ҳамкории мутақобилан судманд байни Тоҷикистон ва Покистон арзёбӣ мешавад.

Дар ин росто, марҳилаи нави ҳамкориҳои ҷумҳурии мо бо ин кишвари дӯсту бародар баъд аз анҷоми сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон моҳи майи соли 2004 оғоз шудааст. Маҳз дар ҷараёни ин сафари таърихӣ нӯҳ ҳуҷҷати муҳими муайянкунандаи самти ҳамкориҳо ба имзо расида, ин раванд минбаъд дар сатҳу сифати нав роҳандозӣ гардид.

Ҳамватанони азизи мо иттилоъ доранд, ки Ҷумҳурии Исломии Покистон яке аз ҳавасмандони бунёди хати баландшиддати «CASA-1000» буда, баҳри вусъат бахшидани ҳамкориҳо барои татбиқи лоиҳаҳо дар доираи бунёди ин хати баланшиддат соли 2009 зимни баргузории ҷаласаи сеюми Комиссияи байниҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон тасмим гирифта шуда буд. Аз ҳамон вақт то ин замон ҳамкорӣ дар ин ҷода вусъат ёфта, 19 сентябри соли гузашта дар Ҷумҳурии Қирғизистон ва аз 15 то 17 майи соли равон дар шаҳри Дубайи Аморати Муттаҳидаи Араб ҷаласаҳои Шӯрои байниҳукуматии давлатии иштирокчиёни лоиҳаи «CASA-1000» баргузор гардид.

Лозим ба ёдоварист, ки давлатҳои иштирокчии лоиҳаи зикршуда ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Қирғизистон ва ҷумҳуриҳои исломии Покистон ва Афғонистон мебошанд. Иқдомоти дар ин самт басомонрасида моро ба дурнамои неки ин лоиҳа барои кишварҳои номбаршуда мӯътақид месозад. Айни замон муносибатҳои гуногунҷабҳаи байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистонро 29 санади байналмилалии меъёрӣ-ҳуқуқӣ танзим намуда, ҳамкориҳо дар ҳама бахшҳо тамоюли рушдро касб намудаанд.

Соли 2010 гардиши мол миёни ду кишвар дар муқоиса ба соли 2009 се маротиба афзуда, 21 миллиону 608 ҳазор доллари амрикоиро ташкил намуд. Баҳору тобистони соли 2010 Ҷумҳурии Исломии Покистон бар асари офати табиӣ хисороти ҷиддӣ дида буд. Сарфи назар аз он ки кишвари мо низ он замон аз чунин офат зарар дида буд, Ҳукумати ҷумҳурӣ бо мақсади расонидани кӯмаки башардӯстона ба ин кишвари дӯст иқдом кард.

Мусаллам аст, ки сафари роҳбарони кишварҳо ба давлатҳои якдигар яке аз омилҳои мусоидаткунандаи ҳамкориҳо маҳсуб меёбад. Сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Исломии Покистон, ки аз ҳафтум то даҳуми марти соли 2011 сурат гирифт, баҳри рушди ҳамкориҳои гуногунҷабҳа заминаи нав фароҳам овард. Дар доираи ин сафар созишномаҳои дахлдор дар бахшҳои кишоварзӣ, тандурустӣ ва варзиш ба имзо расида, бо иштироки сарони давлатҳо Бизнес-форуми соҳибкорони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон доир гардид.

Аз 24 то 27 марти соли ҷорӣ ҳайати бонуфузи Ҷумҳурии Исломии Покистон бо сарварии Президенти ин мамлакат Осиф Алӣ Зардорӣ барои иштирок дар Ҷашни байналмилалии Наврӯз ва Конфронси панҷуми байналмилалии ҳамкориҳои минтақавии иқтисодӣ оид ба Афғонистон (RECCA-V) дар ҷумҳурии мо қарор доштанд. Дар доираи сафари фавқуззикр Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон Осиф Алӣ Зардорӣ ҳамроҳ бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи Бонки фаръии (шӯъбаи) Бонки миллии Покистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намуданд.

Ҷоиз ба зикр аст, ки сармояи оинномавии бонки мазкур 50 миллион сомониро ташкил дода, қисмати асосии кормандонашро шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд. Зимни ирсоли Паёми худ ба мақоми олии қонунгузори мамлакат- Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон чунин зикр намуданд: «Сиёсати хориҷии созанда ва ба ҳамкории густурдаву васеъ равонгардидаи мо дар маҷмӯъ бояд вазифаи анъанавии худ- мусоидати ҳамаҷониба ба рушди устувори кишвар, таъмини амнияту оромии мамлакат ва сатҳи шоистаи зиндагии мардуми онро ба тариқи беҳтарин иҷро намуда, фардои ободи Тоҷикистонро таъмин намояд».

Табиист, ки ин нукта меҳвари муносиботи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо Ҷумҳурии Исломии Покистон ташкил дода, ба андешаи инҷониб, дар оянда низ тавсеа бахшидани онҳо имконпазир аст, зеро барои ривоҷи ҳамкориҳои гуногунсоҳа бо Покистон, ки яке аз давлатҳои соҳибнуфузи минтақа ва дорои имкониятҳои фароҳи сармоягузорӣ дар иқтисоди Тоҷикистон мебошад, тамоми заминаҳо фароҳам омадаанд.

Қобили тазаккур аст, ки ба муносибати 20-умин солгарди равобити дипломатии Тоҷикистону Покистон бо кӯмак ва мушоракати Сафорати Тоҷикистон дар Покистон ва консулҳои фахрии кишварамон дар шаҳрҳои Қарочӣ, Лаҳор ва Пешовар анҷумани нишастҳои илмию фарҳангӣ бо ширкати коршиносон, аҳли илму адаб ва ҷавонони ду кишвар баргузор мегарданд, ки на танҳо боиси шинохти бештари ҷомеаи имрӯзаи Покистон аз мардум ва кишвари Тоҷикистон мешаванд, балки дӯстии кӯҳанро миёни ду миллат побарҷо медоранд.

***Зубайдулло ЗУБАЙДОВ,***
***Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Исломии Покистон***

● Барои дарёфти Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

# МЕЪМОРИ ҚАЛБУ ДИДАҲО

Перомуни ҳаёту фаъолияти ӯ ва роҳи тайнамудааш дар зиндагӣ бисёр навиштаанду сар то сари ҷумҳурӣ аксаран ӯро мешиносанду медонанд. Касе, ки аз Душанбе ба самти Варзоб раҳсипор гардида бошад, мебинад, ки қад-қади ин шоҳроҳ тӯли масофаи 1600 метр дар 500 деворнигораҳо таърихи зиндаву гӯёи тоҷик бо санъати баланд ва маҳорати хосе нигошта шудааст, ки меъмораш қаҳрамони қиссаи мо мебошад.

Аз ҳар нигора ба сӯямон як лаҳзаи таърихамон, як родмарди фарҳангу тамаддунамон, як чеҳраи адабу ҳунарамон, як қаҳрамони корзору майдони набард барои Ватанамон менигарад. Гӯё бароямон дар ҳар дидор ватандориву меҳанпарастӣ, аз пештара бештар муттаҳидиро дар ҳалқаи ягонаи номусу ори ватандорӣ, ки имрӯз аз ҳаррӯза дида бештар моҳиятеро касб кардааст, талқин менамоянд.

Доиман таъкид менамоем, ки завқи зебоипарастии ҷавононамон, рағбати китобхонияшон пасттар шудааст, вале ҳар боре аз ин шоҳроҳ гузарам, мебинам, ки шогирдони мактабҳо, пиру ҷавон ба ин нигораҳо бо завқ ва меҳр менигаранд, хориҷиён бошанд, онҳоро аккосӣ менамоянд. Дар сомонае хондам, ки сайёҳи хориҷие, ки дар ин мавзеъ буд, ин нигораҳоро арзишмандтарин диданиҳо аз Тоҷикистон муаррифӣ намудааст. Аксҳояшонро пешниҳод ва таъкид намудааст, ки агар як маротиба ҳам имконияти дар Тоҷикистон буданро пайдо намоед, ҳатман ин нигораҳоро бубинед. Ифтихор намудам аз он, ки ҳунар ва санъатамонро берун аз кишварамон арзанда қадр мекунанд.

Миллату меҳанро маҳз номбардорони он муаррифӣ мекунанд. Ба ҳамагон маълум аст, ки тоҷиконро бо таҷрибаи сулҳофариниашон сар то сари олам фарзанди фарзонаи халқи тоҷик, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон муаррифӣ намуд. Сарвари кишварамон доиман таъкид менамояд, ки номбардорони миллат ва аҳли санъату фарҳангро арҷ гузорем. Ҳақ бар ҷониби ӯст. Як асари хуб, як дастоварди бузурги як ҳамватан метавонад ватанро тараннум ва таҷассум намояд. Хушбахтона, чунин комёбиҳои ҳамватанони мо зиёданд ва маҳз даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистони азизамон имкон фароҳам овард, ки мо тавонем беҳтарин дастовардҳоямонро ба ҷаҳониён пешкаш намоем.

Нақли мо дар бораи муаллиф ва меъмори панҷсад деворнигораҳои шоҳроҳи Душанбе-Варзоб, «Маҷмааи меъмории даромадгоҳи Боғи миллии пойтахт», меъмор, муҳандис, олим, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадраҳим Каримов мебошад, ки аз ҷониби Иттифоқи меъморони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои асари офаридаи «Маҷмааи меъмории даромадгоҳи Боғи миллии пойтахт» ба дарёфти Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ пешбарӣ гардидааст.

Ин маҷмаа асари меъмориест, ки бо як дидан диққати ҳар бинандаро бо нақшу тарҳҳои бо ҳам омехтагаштаи шарқию ғарбӣ ба худ мекашад. Агар даромадгоҳу гунбазҳои маҷмаа бо усули шарқиёна ва хело моҳирона офарида шуда бошанд, пас пештоқу фарши он бо усули хоси аврупоӣ ороста шуда, дар ҳамбастагӣ намуди умумии иншоотро хело барҷаста нишон доданд. Рангу бори маҷмаа устокорона ва бо дарки махсусиятҳои хосе, ки инъикосгари рамзҳои зиёд аст, ба иҷро расидааст. Рангҳои интихобгардидаи маҷмаа таҷассумгари фазои софу беғубори кишвар, сулҳу офариниш, рӯзгори ободу меҳмоннавози моро гӯё таҷассум менамоянд. Бемуболиға, касе, ки боре маҷмааву боғи миллиамонро мебинад, дар қалбаш хоҳиши боз як бори дигар дидани он пайдо мегардад, чунки дар бунёди он нақшу нигори мардуми тамоми минтақаҳои кишварамон истифода шудаанд. Ҳар тоҷике аз он чизи ба худ дилбанду пайвандро пайдо карда метавонад. Бо ибораи дигар, ин маҷмаа маҷмӯи ваҳдату паймони аҳли кишвар аст. Ба таври ҳаққонӣ месазад офарандаи ин зебоиро қадр намоем, шоиста ва ҳаққонӣ.



Маҳмадраҳим Каримов парвардаи оилаи омӯзгор аст. Дар хонаводаи муаллим таваллуд ва камол ёфтааст. Мисли ҳар як тоҷики рустоӣ аввалин ҳарфро сари дастурхон дар ҳалқаи наздикон аз падару модар омӯхтааст. Маҳз муҳаббати падар ӯро сухандону каломдор кардаву аллаҳои модар шеърдону адибпарвараш кардааст. Хонадоне, ки ӯро ба воя расонд, ҳама шеърхону шеърдону шеърпарвар буданд ва касе агар боре ҳам меҳмони ин оила мешуд, худро дар иҳотаи аҳли фазлу фарҳанг, одобу ҳунар эҳсос менамуд. Дар муҳити рӯҳбахши савту наво, ҳамнафасӣ бо китобу рӯзнома дунёи кӯдакиву наврасии ӯ паси сар гаштааст. Ин ҳама дар рӯзгори минбаъдаи ӯ сахт нақш гузошт ва бесабаб нест, ки баъди хатми Донишкадаи политехникии Тоҷикистон бо ихтисоси муҳандиси сохтмон, дар 51-солагиаш ӯ Донишкадаи санъатро бо ихтисоси коргардон хатм намуд, дар Академияи меъмории Федератсияи Россия рисолаи илмиашро баҳри дарёфти унвони номзади илми муҳандисӣ ҳимоя намуд.

Дар студияи «МК», ки Маҳмадраҳим Каримов таъсис додааст, сарсупурдатарин намояндагони ҳунари тоҷикро, ба монанди таҳиягари нозукхаёл Рустам Шоазимов, Гулсара Абдуллоева, Ҳошим Гадоев, Ҳалим Сангинов ва даҳҳо дигарон гирд овардааст ва якҷояву аҳлона фаъолият доранд. Филми ҳунарии режиссёр Р. Шоазимов «Худкуш» маҳсули студияи «МК» мебошад, ки бо дарёфти Шоҳҷоизаи озмуни байналмилалии кино сазовор гардид. Даҳҳо филмҳои сабтнамудаи ин студия аксаран аз саҳнаҳои пуртазоди зиндагии оддии мо гирифта шудаанд. Мо дар ҳаёт ба ин саҳнаҳо бепарвоёна менигарем. Дар офариниши киносозони студия бошад, ин лаҳзаҳо ба асаре табдил мегарданд, ки қалби тамошобинонро тасхир менамоянд ва водор месозанд, ки ба зиндагӣ бо чашми дигар бингарем. Дар рафти муаррифӣ ва намоиши филми ҳунарии «Худкуш» медидам, ки тамошобинони ҷавону хурдсол дар толор ашк мерехтанд. Ба санъати воло, ҳунари воло аҳсант мехондам. Дарк намудам, ки ҳунари асили киносозони мо аз нав зинда мешавад.

Дар сӯҳбате аз ӯ суол мекунам, ки кадом андеша ӯро ба офаридани деворнигораҳо ва маҷмааи меъморӣ водор намудааст. Ботамкин, дилпурона ва бе ягон ҳисси дудилагӣ посух мегӯяд:

-Таърихи бойи чандинҳазорсолаи тоҷиконро ба ҷаҳониён ҳикоят бояд кард. Мо таърихи ифтихорманд дорем. Саҳифаҳои заррини илму фарҳангро нигоштан зарур аст. Бо чашми муҳаққиқиву муаррифӣ. Махзане бояд кашф нашуда намонад. Дар ин сурат ҳар як асар дар дили ҳамватанонамон меҳри Ватану эҳсоси ватандорӣ ва ифтихор аз онро ҷойгузин мегардонад.

Ҳақ ба ҷониби ин меъмори фарҳангдӯсту меҳанпараст, бо ибораи дигар, меъмори қалбу дидаҳо аст. Бошад, ки чунин андеша ҳама аҳли адабу ҳунарро муттаҳид созад ва ба сӯйи дастовардҳои нав раҳнамун намояд.

Дар ҳар ҷодае, ки М. Каримов фаъолият дошт, дар ҳар вазифае, ки бар дӯш гирифт, софдилона, поквиҷдонона кор кард, чунки шиори зиндагиаш чунин аст ва таври дигар ӯ наметавонад, тарзи дигар хоси ӯ нест. Ба ҳар чизе, ки дар зиндагӣ сазовор гардид, аз меҳнати ҳалолаш аст. Дар дил орзуи зиёд мепарварад. Орзуҳояш ҳам мисли ҳаёту зиндагиаш содда, оддӣ ва беғаразанд. Аҳли ҳунару санъатро болои даст, соҳибэҳтирому соҳибманзалат дидан мехоҳад. Ватанро пур аз дастовардҳову мардумашро саодатманду сарбаланд, Тоҷикистонро бошад, сарсабзу пешрафта. Баҳри амалӣ гардидани ҳамаи ин ниятҳояш меҳнат мекунад.

Чунин фидоиёни миллат барҳақ сазовори Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ҳастанд.

***Нурулло ОҚИЛОВ,***
***номзади илмҳои педагогӣ***

# ҚАДРИ ҲАР КАС МУВОФИҚИ ҲИММАТИ ӮСТ

Дар зиндагӣ ҳар кас бо амали худ ба дигарон манфиат меорад ва аз амали дигарон баҳравар мегардад. Инсонҳо талаботи моддӣ ва маънавии зиёде доранд, ки ба қонеъ гардонидани онҳо эҳтиёҷманданд.

Айни ҳол баробар ба талаботи моддӣ, талаботи маънавӣ ва рӯҳонӣ вуҷуд дорад, ки хоси инсон аст. Бо ин талабот инсон аз дигар мавҷудот фарқ мекунад. Ҳатто одамон низ аз рӯйи ин талабот аз якдигар фарқ мекунанд. Байни хос ва ом дар қонеъ гардонидани ин талабот тафовут аст. Чуноне дар «Риёз-ул носеҳин» омадааст: «Ом мезиянд, то бихӯранд ва хос меҳӯранд, то бизиянд». Инибораро дар адабиёти русӣ ба мутафаккирони Юнони қадим тааллуқ дода, дар шакли зерин иқтибос мекунанд: «Животные и им подобные люди живут для того, чтобы есть. Я же ем для того, чтобы жить». Мақсуд аз ин муҳокима он аст, ки инсонҳои шарифе ҳастанд ё инсонҳои хосе ҳастанд, ки ба хотири зиндагӣ меҳӯранд то намиранд ва барои мардум хизмате кунанд. Мақсади зиндагии ом ба хотири хӯрдан ва қонеъ кардани нафс аст, ки чандон арзиш ва эътиборе надорад.

Инсон дар баробари қонеъ гардонидани талаботи иқтисодӣ, инчунин талаботи рӯҳонӣ низ дорад. Ҳамчуноне ҷисм ба ғизоҳо эҳтиёҷ дорад, рӯҳи инсон низ талаботи рӯҳонӣ дорад. Ғизои рӯҳонӣ овози хуш ва рухи зебост. Ҳофизе мисли Файзалӣ Ҳасан таъминкунандаи ғизои рӯҳонии одамон аст. Вай ҳам дар андӯҳу ғам ва ҳам сururу хурсандӣ бо одамон аст ва вазъи рӯҳии онҳоро месарояд ва ташхис медиҳад. Ҳангоми андӯҳу ошуфтаҳолӣ ӯ марсия мехонад, бо андӯҳзадагон ҳамдард мегардад ва дарди онҳоро ифода мекунад. Ҳангоми шодӣ ва сурур бо оҳангҳои шӯху диловез аҳли толорро бо мавҷи овози марғуладор ва тавсани тезпой ба ҷавлон медарорад ва мутобиқи даъвати Ҳофиз, ки гуфтааст:

***Чу дар даст аст рӯди хуш,***
***бизан мутриб суруди хуш,***
***Ки дастафшон ғазал хонему***
***покӯбон сар андозем.***



Савту суруди Файзалӣ Ҳасан саманди рӯҳониест, ки аҳли толорро ба ҷавлон дароварда, рӯҳашонро воло ва ҷисмашонро мубтало ва эҳёи завқи аъло мекунад. Ҳангоми шунидани овозе чун овози Файзалӣ Ҳасан ҷон сокину сукут шуда, аз рафтан бозмемонад. Дар ҳақиқат, маъмул аст, ки рӯҳ муттасил мисли дарё дар ҷараён аст, меравад, мегузарад ва барнамегардад.

Файзалӣ Ҳасан бо тамоми ҳастияш ҳофизест, ки ҳар навояш аз навоҳои дил аст ва ҳар садояш аз садоҳои вуҷуди инсон. Завқи миллати тоҷик дар самту сӯи созу навоз аз Борбад ва пеш аз он ибтидо мегирад ва ин завқе, ки дар заминаи чунин фарҳанги таърихӣ ташаккул ёфтааст, талабот дорад, ки онро на ҳар як ҳофиз ва на ҳар як оҳанг қонеъ карда метавонад.

Оҳанг ва шеъре, ки ба завқи миллӣ мутобиқ бошад, савияи баланди фарҳангшиносӣ ва фарҳангсозиро талаб мекунад ва ҳунарманд бояд муттасил дар ин самту сӯй ҳунари худашро сайқал диҳад. Оҳанги ҳофиз аввало бояд ба талаботи табиат ҷавоб дода тавонад. Ин чунин маъно дорад, ки дар суруди ӯ бояд пайдарҳамии зудии мавҷ, дарозии мавҷ ва лапиши амплитуда дар таносуби табиӣ ба мембранаи эстетикии одамон мувофиқ ояд. Инро симметрияи табиӣ меноманд ва зебоии тамоми олам дар ҳамин мавзунӣ ё худ симметрияи табиист. Агар ин мавзунӣ вайрон шавад, мембранаи эстетикӣ онро қабул намекунад. Ин дар мусиқӣ диссонанс ном дорад. Яъне, ки вайрон шудани мавзуният аст. Аз лиҳози оҳангсозӣ ва овозхонӣ Файзалӣ Ҳасан дар қатори беҳтарин овозхонҳо, аз ҷумла устодаш Одина Ҳошим, меистад. Вай ҳам оҳангҳои шодравон Одина Ҳошим ва ҳам оҳангҳои эҷодкардаи худашро бо овози марғуладор ва танинандоз пешкаши мардум месозад.

Санъати ҳофизии ӯ мақбулу маъқули тамоми мардуми тоҷик аст. Аввалин бор бо Файзалӣ Ҳасан сотири ин сатрҳо дар ноҳияи Ванҷ ошно шудем. Он вақт ӯ бо ҳамроҳии ҳофизи маҳбуби тоҷик Одина Ҳошим сафари ҳунарӣ дошт. Ҳукумати ноҳия мехост мулоқоти онҳоро бо мардум дар кинотеатри ноҳиявӣ гузаронад, лекин издиҳоми мардум чун мавҷи дарё буд ва ин мавҷро дар ҷӯй равона кардан аз имкон берун буд ва Одина Ҳошиму Файзалӣ Ҳасан ба хулоса омаданд, ки воҳӯрироро дар боғ бепул гузаронанд. Консертро бо талаби онҳо дар боғе, ки бо номи боғи Исломбек машҳур аст, гузарониданд. Ҳар кас мехост ин ҳофизонро аз наздик гӯш ва тамошо кунад. Сатҳи боғ пур шуд ва мардум ба дарахтон баромада, дарахтонро тамошогоҳ қарор доданд ва то дер ҳофизонро дар ҳалқаи худ нигоҳ доштанд.

Ҳунарнамоии онҳо соати яки шаб ба охир расид. Аз он рӯз ва минбаъд қариб ҳар сол ба ин ноҳия сафар мекарданд ва ҳоҷат ба даъвати маъмурони ноҳия набуд. Халқ онҳоро ҳамчун фарзанди азиз пешвоз мегирифт ва бояду шояд пазироӣ мекард. Барои ҳар як фарди Дарвозу Ванҷ меҳмон шудани ин ҳофизон фахри азим буд. Онҳо дарвоқеъ ҳофизи халқӣ ва мардумӣ шуда, дигар ба даъвати маъмурӣ эҳтиёҷ надоштанд. Байни Файзалӣ Ҳасан ва мардуми Бадахшон то имрӯз ҳамин тавр муносибати бародарона ҳукмфармост. Онҳо бо ӯ ба мисли як бародар, хешу табор ва ҳамдиёр ҳазлу шӯхӣ мекунанд ва Файзалӣ ҳам бо суханҳои ширин ва малоҳатангез ҷавоб мегардонад.

Шунидам, ки боре ҳангоми обхез, яъне моҳи июн ё июл будааст ва Файзалӣ дар ин тарафи рости дарёи Ванҷ бо мардум дар мулоқот буда, фарде аз тарафи соҳили чапи дарё ба тарафи рост шино мекард. Мардум дар ҳайрат буданд, ба он мард назора мекарданд ва аз худ мепурсиданд, ки кадом ҷабре ба сари ӯ омадааст, ки ҷонашро дар хатар монда, ба сӯйи онҳо шино мекунад. Вақте ки он мард ба соҳил назди онҳо расид, аз ӯ пурсиданд, магар хавфу хатаре буд, ки ту дар ин маҷрои пуртуғён худатро партофта убур кардӣ?!

Ӯ бо ҳаяҷон арз кард, ки ман бо илтимоси мардум назди шумо омадам. Онҳо шуниданд, ки шумо ҳамин соат ва ҳамин рӯз азми ба Душанбе сафар кардан доред. Бинобар ин, аз ман илтимос карданд, ҳар чӣ зудтар ба назди шумо омада илтиҷо кунам, ки якчанд соат бошад ҳам, бо мардуми он тарафи дарё ҳамсӯҳбат шавед. Пурсиданд, ки чаро бо кӯпрук нагузаштӣ ?

Гуфт: «Кӯпрук аз ин нуқта 20 километр дуртар аст ва агар ман то он ҷо мерафтам, вақт мегузашт ва шуморо дарёб намекардам. Ҳоло дидед, ки кадом хатарро ман паси сар карда, назди шумо омадам. Ҳамин соат, ҳамин рӯз мардум шуморо дар сари пул интизоранд. Агар хоҳишамро рад кунед, ман дар назди мардум беэътибор мешавам.

Файзалӣ Ҳасан ва Одина Ҳошим ноилоҷ розӣ шуданд ва 20 километр роҳро тай карда, ба воситаи кӯпрук он тарафи дарё гузаштанд. Издиҳом кайҳо боз онҳоро дар сари пул интизор буд. Онҳо низ аз ҳамин нуқта ба овозхонӣ шурӯъ карда, бо мардум ба сӯйи деҳа равона шуданд. Чунин аст мартаба ва мавқеи Файзалӣ Ҳасан ва устоди ӯ дар назди мардуми Дарвозу Ванҷ ва Бадахшон.

Ба сифати як тан мухлиси ин овозхони машҳур хабари ба Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ пешниҳод шудани силсилаи сурудҳои ватандӯстонааш таҳти унвони «Домони имон Ватанам» (бар ашъори Мавлои Румӣ, Саъдӣ, Бедил, Ҳ. Ғойиб, Р. Назрӣ, К. Насрулло, А. Муродӣ ва М. Ғойиб) маро хеле шоду болидарӯҳ гардонд. Бо боварии комил метавонам гӯям, ки Ҳофизи халқии Тоҷикистон Файзалӣ Ҳасан дар асл ҳам номзади арзанда ба Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба ҳисоб меравад. Бошад, ки мо, мухлисон, дар ин шодмонияш низ шарик шавем.

***Нодир ОДИЛ,***
***профессор***

# Соҳибкорӣ ба дастгирӣ ниёз дорад

Муайян кардани роҳҳои амалӣ намудани пешниҳодоту супоришҳои Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон, ки аз Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, дар мулоқоти муовини Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси ВМКБ Қодири Қосим бо иштироки раисони шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони муассиса ва ташкилотҳои дахлдор, доираи васеи соҳибкорони вилоят мавриди муҳокима қарор ёфт.

Раиси вилоят оид ба муҳимтарин ҳадафҳои давлат, рушди босуботи иқтисодӣ, тадриҷан баланд бардоштани сатҳу сифати некуаҳволии мардум, фароҳам овардани фазои мусоид барои рушди соҳибкорӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ изҳори ақида намуд.

Қодири Қосим корҳои лоиҳасозиро барои бунёди неругоҳҳои истифодаи неруи офтоб, сохтмон ва таҷдиди роҳҳо, рушди соҳаи кишоварзӣ, беҳбудии ҳолати мелиоративии заминҳо, пешрафти соҳаҳои маорифу тандурустӣ бо мисолҳои дақиқ шарҳ дод.

Раиси вилоят ҳамзамон воҳӯрии Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмонро бо соҳибкорон дар ҳалли мушкилоти самти истеҳсолӣ ва ҳимояи ҳуқуқии сармоягузорон пурарзиш арзёбӣ намуд.

Раиси вилоят соҳибкоронро ба ободониву созандагӣ, дастгирии ятимон, бепарасторон даъват карда, таваҷҷуҳи ҷамъомадагонро ба таҷдиди сохтори хоҷагиҳои деҳқонӣ ҷалб намуд.

- Имкониятҳои густариши саноати маъданҳои кӯҳӣ дар қаламрави вилоят беназиранд ва воситаи хуби бо ҷойи кор таъмин намудани аҳолӣ ба шумор мераванд, - изҳор дошт раиси ВМКБ Қодири Қосим.

Мавсуф ҳамзамон фаъолияти бозорҳои вилоят, алалхусус бозори шаҳри Хоруғро, мавриди таҳлили ҷиддӣ қарор дод.

Дар хотимаи мулоқот раиси вилоят изҳор дошт, ки рушди соҳаҳои иқтисоду иҷтимоиёти вилоят бе иштироки тоҷирон мушкил аст ва онҳоро ба истифодаи имкониятҳо, фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ ва таъмини бозори истеъмолӣ даъват намуд.

Сипас, миёни раиси вилоят Қодири Қосим ва доираи васеи соҳибкорон сӯҳбати озоду ошкоро оиди аз байн бурдани монеаҳои рушди соҳибкорӣ сурат гирифт.

***Ш. ШОҲҚОСИМОВ, «Садои мардум»***

● Арзи сипос

# СУХАНИ ХАТМКУНАНДА

## ё хайрбодие бо устодон

Ҳеҷ гумон намекардам, ки солҳои тиллоии донишҷӯйӣ ин қадар зуд моро хайрбод мегӯяд, вале солҳои рафтаро мо танҳо имрӯз чунин сифат карда метавонем. Дар асл шабҳои бехобии зиёду рӯзҳои пур аз такопӯ, талошҳои бобарору бебарор, хандаҳои беолоишу шодиафрӯз ва чашмони пурнаму рухсораҳои бо оби дида шуставу шӯри бисёр доштанд он солҳо, ки бо чӣ осониву бо чӣ мушкилӣ бебозгашт аз даст мераванд.

Фикр мекунам, ки таҳсил дар донишгоҳ бо вуҷуди ин ҳама душвориҳо осон будаву вале пас аз шаш соли одат кардану нокарданҳо, хайрбод гуфтан бо устодони сахтгиру некбин ва хайрхоҳ ин қадар мушкил будааст. Бовар кунед, чизе гулӯгирам мекунад ва ман танҳо мегӯям: Хайр, донишгоҳи азиз! Хайр, устодони қадрдон! Ба ҳама заҳматҳоятон, ки тӯли ин шаш сол бароямон дареғ надоштед, розӣ бошед. Гумон мекунам, розигии шумо сафедие барои идомаи роҳамон дар зиндагӣ хоҳад буд. Ҳазорон ташаккур!

Имрӯз ёде аз гузашта, ёде аз солҳои қадамниҳӣ ба ин даргоҳ накарда наметавонам, зеро ин як навъ таҳният, шукргузорӣ бар ҳаққи устодон хоҳад буд.

Солҳои 2005-2006. Як соли пеш аз дохилшавӣ. Аз устодони ҳамин донишгоҳ Умаралӣ Раҷабов, Маҳмадалӣ Маюсупов, Саидаҳмад Одинаев, Меликӯзӣ Мирзоахмедов аз фанҳои кимиёву анатомия, физикаву адабиёт донишҳои дар мактаби миёна андӯхтаамро пурра кардам. Ин лаҳза махсусан ба устоди азизам Умаралӣ Раҷабов миннатдории бепоён изҳор мекунам ва мегӯям, ки ин кас нахустин шахсе буданд, ки дар роҳи илму донишомӯзӣ дасти маро гирифтанд. Устоди азиз, як умр аз шумо миннатдорам.

Мепурсед, ки чӣ хел донишҷӯй шудам. Мегӯям. Бо дониши ана ҳамин устодон. Бо омӯхтаи ана ҳамин устодон имтиҳон супоридам. Бисёриҳо гумон мекунанд, ки ин ҳама барои донишҷӯй шудан шояд кофӣ набошад. Хушбахтона, он сол дар ин донишгоҳ барои мо барин толибилмон бахткушое пайдо шуд. Ин шахс ректори имрӯзаи донишгоҳ, устоди ҳақбину ҳақгӯй Убайдулло Абдуллоевич Қурбонов буданд. Устод ва гурӯҳе, ки он сол ба бахти мо сарварии раёсати донишгоҳро ба зимма гирифтанд, ба корномаи шаффофият ибтидо гузоштанд. Ҳама бо қувваи худ, бо дониши худ соҳиби номи баланди донишҷӯй шуданд. Ҳоло шаш сол аст, ки довталабон аз рӯйи меъёрҳои ҳамин мизон, ҳамин тарозу баркаш ва интихоб мешаванд ва сазовори номи донишҷӯйи донишгоҳи тиббӣ мегарданд. Метавон гуфт, имрӯз донишҷӯёни ин даргоҳи бонуфуз пурра меваҳои ҳамин боғи корномаи шаффофият ҳастанд. Пас, чаро имрӯз мо шукру сипоси ин устодони азизро накунем? Умратон зиёдаву коратон поянда бошад.

Навори ёдномаи он солҳо чунон зуд аз пеши назар мегузарад, ки ба хондану бозгӯии на ҳамааш осон муваффақ мешаванд. Ҳамсабақонам имрӯз номҳои устодони сахтгиру айни замон ғамхори худ- устоди кафедраи анатомияи одам Халилуллоҳ Мирзоев, устоди кафедраи бофташиносӣ Дилоро Шукурова, устоди кафедраи бемориҳои дарунӣ Раъно Шукурова, устоди кафедраи момодоягӣ Шаҳноза Холова, устоди кафедраи бемориҳои кӯдакона Гулнора Мамадҷанова, мудири кафедраи забони тоҷикӣ Абдулло Юсупов, устоди кафедраи эндоҷарроҳӣ Бобоқул Муминов ва даҳҳо нафарони дигарро бо эҳтиром ва меҳру самимият ба забон мегиранд, ки ин ҳам як навъ арзу сипос ва эҳтироми хоса нисбат ба онҳост.

Давоми шаш соли таҳсил мо, донишҷӯён, аз ҳама бештар корафтодаи устодони азизи худ – муовини ректори донишгоҳ Саид Қурбонов, сардори шӯъбаи таълим Қаҳҳор Носиров ва декани факултети тиббӣ Муҳиддин Табаров будем ва бо мушкилоти санҷишу имтиҳонҳоямон онҳоро ғам ҳам медодем. Онҳо бошанд, ҳамеша ғамхӯру ғамхори мо буданд ва бар ивази ин ҳама некиҳо ваъда медиҳем, ки номбардори ҳақиқии номи муқаддаси табиб ва ин донишгоҳ бошем.

Лаҳзаҳои пуртаъсиру хотирмон ва омӯзандаи солҳои донишҷӯйӣ хеле зиёданд ва ман ба хотири он ки донишандӯзӣ, илмомӯзӣ ва таҷрибаву касбомӯзии ҳар яки мо, ки ҳоло дар пеш аст, танҳо ҳиссаеро бароятон қисса кардам.

Солҳои мактабхониам падарам маро ба бемории рӯзноманигорӣ сироят карда буданд, то шифоҷӯи дардҳои замонаву ҷомеа бошам, вале баъдтар ман аз ин дард дурӣ ҷустам. Дармонбахшии инсонҳоро ба дӯш гирифтам ва имрӯз инро аз ҳама зарур ва муҳимтар мешуморам. Худ, ки модар ҳастам, пойдории давлату ҷомеаро дар солимии модару кӯдак мебинам. Умед дорам, ки устодони арҷмандам давоми тайношудаи ин роҳ низ маро дастгирӣ менамоянд.

***Фарангис ҲОМИДОВА,***
***донишҷӯйи соли шашуми факултети тиббии ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино***




## Прокуророн дар Душанбе машварат карданд

**ДУШАНБЕ. (Мирзо БОБОКАЛОНОВ, « Садои мардум»)** Дар шаҳри Душанбе ҷаласаи 10-уми прокуророни генералии давлатҳои узви Созмони Ҳамкории Шанхай баргузор гардид.

Дар кори ҷаласа прокуророни генералии ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Ҷумҳрии Халқии Хитой, муовинони прокуророни генералии Федерасияи Россия ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон иштирок карданд. Дар ҳамоиш масъалаҳои нақши мақомоти прокуратура дар муқовимат бо коррупсия ва рафъи сарчашмаҳои терроризм ва ифротгароӣ дар давлатҳои узви Созмони Ҳамкории Шанхай мавриди баррасӣ қарор ёфт.

Дар ҷамъбасти ҷаласа иштирокчиён омодагии худро бобати таҳким бахшидани ҳамкориҳои воқеӣ байни мақомоти прокуратураи давлатҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай оид ба мубориза бо коррупсия, терроризм, ифротгароӣ ва ҷудоихоҳӣ изҳор намуда, зарурати минбаъд муттаҳид кардани қувваҳо ва ҳамкориҳои ҳамаҷонибаро ҳадафи асосии хеш қарор доданд.

## Ташаббуси наҷиб

**ДУШАНБЕ. (Фирӯза ҲАБИБУЛЛОЕВА, «Садои мардум»)** Ба муносибати таҷлили 15-умин солгарди Рӯзи Ваҳдати миллӣ Қарори Раиси шаҳри Душанбе М. Убайдуллоев таҳти №280 аз 30 майи соли 2012 «Дар бораи дастгирии ташаббуси эҳсонкории субъектҳои соҳибкорию хоҷагидорӣ ҷиҳати баргузории тӯйи домодию арӯсии ҷавонон аз оилаҳои камбизоат дар шаҳри Душанбе» ба имзо расид. Тибқи қарори мазкур 60 тӯйи домодию арӯсии ҷавонон аз оилаҳои камбизоати шаҳри Душанбе гузаронида мешавад.

## Маблағи зиёрат муайян шуд

**ДУШАНБЕ. (Мирзо БОБОКАЛОНОВ, «Садои мардум»)** Ба иттилои масъулини Кумита оид ба корҳои дини назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағи сафари имсолаи зойирини тоҷик барои адои маросими ҳаҷ 17127 сомониву 79 дирамро ташкил медиҳад. Маблағ бо асъори миллӣ пардохт мегардад. Бо ин маблағ зойирини Хонаи Худоро тавассути ҳавопаймо ба макони муқаддаси мусалмонон расонида, бо меҳмонхона дар Маккаву Мадина, хӯроки севақта, кӯмаки тиббӣ, сарулибоси маъмулӣ, чорво барои забҳ, ҷомадон ва дигар хизматгузориҳо таъмин мешаванд.

## Комёбии кирмакпарварон

**ҚУМСАНГИР. (Давлат СУЛТОНОВ, «Садои мардум»)** Кирмакпарварони соҳибтаҷрибаи ноҳия нақшаи солонаи истеҳсоли пилларо барзиёд ба иҷро расонида, беш аз 48 тонна пилла истеҳсол намуданд, ки дар вилоят яке аз нишондиҳандаҳои беҳтарин ба ҳисоб меравад.

Дар мавсими имсолаи пиллапарварӣ беш аз 1800 нафар сокинони деҳоти ноҳия иштирок намуданд. Маблағи заҳмати кирмакпарварон сари вақт пардохт шуд. Ҳамчунин аз ҷониби сармоягузорон ба кирмакпарварони пешқадам мукофотҳо, аз қабили телевизор, қолин ва дигар инъомҳо тақдим гардид.

## Хоҷагии Тебалай – намуна

**МӮЪМИНОБОД. (Р. АМИРОВ)** Соли 2011 агар чорводорони хоҷагии Тебалай аз хӯрокаи чорво танқисӣ кашида бошанд ҳам, хӯрокаҳои солҳои пешин захирашуда чорворо аз сардиҳои зимистони соли ҷорӣ наҷот дод. Ҳоло дар деҳаи Ғарабдараи ноҳияи Мӯъминобод коргарони кооперативи истеҳсолии хоҷагӣ аз бригадаи Раҷабалӣ Талабов бо ҷӯшу хурӯш кор мекунанд. Онҳо якумин шуда дарави юнучқаро сар карда, дар мавзеи Хайркорон 36 гектар замини юнучқазорро дар муддати кӯтоҳ дарав карданд.

## Ҷойҳои холии кор пешниҳод шуд

**ИСТАРАВШАН. (Ҳусейни НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»)** Дар ярмаркаи минтақавии ҷойҳои холии кор ва вазифаҳои озод дар шаҳри Истаравшан 524 ҷойи холии корро пешниҳод намуданд. Аз 312 нафар корҷӯён 18 нафарашон бо кори дилхоҳашон таъмин шуданд. Ба 20 нафар дипломи муҳосиб-компютерчӣ супорида шуд. Дар ин чорабинӣ ҳамчунин корхонаю ташкилот ва муассисаҳои навоҳии Шаҳристон, Ғончӣ ва Зафаробод низ иштирок ва ҷойҳои холии корро ба эҳтиёҷмандон пешниҳод карданд.

## Мактаби нав бунёд ёфт

**КӮҲИСТОНИ МАСТЧОҲ. ( Мирзо БОБОКАЛОНОВ, «Садои мардум»)** Дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ бо дастгирии Ҷумҳурии Ҷопон дар чаҳорчӯбаи кӯмакҳои бебозгашти лоиҳаҳои амнияти башарӣ дар деҳаи Рогифи деҳоти «Иван-тоҷик» мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 8 сохта, ба истифода дода шуд. Дар расми кушодашавии мактаб Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Ҷопон дар Тоҷикистон Ҳиройуки Имаҳашӣ ва раиси ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ Сӯҳроб Охунов иштирок намуданд. То ин муддат толибилмони деҳаи Рогиф ба мактаби деҳаи ҳамсоя мерафтанд, ки дар масофаи дур воқеъ буд. Бинои мактаби нав аз 6 синфхона ва хонаи муаллимон иборат буда, дорои шароити мувофиқи таълимӣ мебошад.

## Барои ташкили лагерҳои истироҳатӣ маблағ ҷудо накарданд

**КӮЛОБ. ( Темуршоҳи ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»)** Аз ибтидои моҳи июн дар макотиби шаҳру навоҳии минтақа лагерҳои истироҳатии наздимактабӣ ва лагерҳои амалкунандаи мавсимӣ бояд ба фаъолият шурӯъ менамуданд.

-Мутаассифона, барои амалӣ намудани ин чорабинӣ то ҳол аз ҷониби шӯъбаҳои молияи ноҳияҳо, ба ғайр аз шаҳри Кӯлоб, маблағ ҷудо карда нашудааст.Бе маблағ ташкил намудани лагерҳои истироҳатӣ аз имкон дур мебошад. Кайҳо мӯҳлати ташкили лагерҳои истироҳатии хонандагон фаро расидааст, аммо шӯъбаҳои молияи навоҳии минтақа кори ҷудо намудани маблағро ба таъхир меандозанд,- арз намуд намояндаи масъули Раёсати маорифи вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб Эмомалӣ Сайдамиров.

## Маҳфили шеъри Озар

**ҚӮРҒОНТЕППА. (Давлат СУЛТОНОВ, «Садои мардум»)** Бо иқдоми Раёсати маорифи вилояти Хатлон дар литсейи президентии воқеъ дар деҳоти «Бӯстонқалъа»-и ноҳияи Бохтар маҳфили шеъри адиби боистеъдоди Хатлонзамин, раиси бахши қӯргонтеппагии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Миралӣ Салимов, ки бо тахаллуси Озар шеър эҷод мекунад, барпо гардид. Дар ин маҳфил мухлисони зиёди шоир ҷамъ омада буданд. Миёни ҷамъомадагон ҳаводорони шеъри Озар аз Эрону Афғонистон низ ҳузур доштанд ва аз ин маҳфили гарми шеъри тоҷикию форсӣ ғизои хуби маънавӣ бардоштанд.

## «Девони мунтахаб» ба хонандагон

**ХУҶАНД. (Мухтори АБДУЛЛО, «Садои мардум»)** «Девони мунтахаб»-и шоири тоҷик, дорандаи Ҷоизаи адабии ба номи Камоли Хуҷандӣ Нурмуҳаммад Ниёзӣ дар нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалили маркази вилоят ба табъ расид.

Китоби тозанашр аз 504 саҳифа иборат буда, офаридаҳои шоирро, ки бештар ба мавзӯъҳои меҳру садоқат, ишқ, сулҳу амонӣ, меҳри Ватан-Модар бахшида шудаанд, фароҳам овардааст.

Китоби мазкур ба муносибати 15- солагии Ваҳдати миллӣ ба табъ расидааст.

***Масъули гӯша Ф. ҲАБИБУЛЛОЕВА, «Садои мардум».***
***Бо мо дар тамос бошед. Телефон: 238-58-91***

Роҳхат ба олимпиадаи Лондон - 2012

# ДИЛШОД МОРО ШОД ХОҲАД КАРД



